# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

## Дар бораи регламентҳои техникии бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Регламентҳои техникии бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати татбиқи регламентҳои техникии мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

3. Қарори мазкур баъд аз шаш моҳ аз рӯзи тасдиқи регламентҳои техиикии мазкур мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 апрели соли 2016 № 190

ш. Душанбе

Замимаи 2

Бо карори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "30" апрели соли 2016, № 190

тасдиқ шудааст

# РЕГЛАМЕНТИ ТЕХНИКИИ "БЕХАТАРИИ ГӮШТ ВА МАҲСУЛОТИ ГӮШТӢ"

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ", (минбаъд - Регламенти техникӣ) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" таҳия шудааст ва талаботи бехатарии ҳатмиро ба маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ барои истифода ва иҷро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи ба онҳо алоқамандро ба равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва истифодаи партовҳо ва ҳамчунин талаботро ба тамғагузорӣ ва борҷомакунии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шудаанд, муқаррар менамояд.

2.Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар ҳолати мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин талаботи дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон ба онҳо татбиқ карда мешавад, барои фурӯш дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешаванд.

## 2. Доираи истифода

3. Регламенти техникии мазкур бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, муҳити атроф, ҳаёт ва саломатии ҳайвонот, амалҳои огоҳкунанда, ки истеъмолкунандагони маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштиро вобаста ба таъинот ва бехатарии онҳо ба иштибоҳ меоранд, таҳия шудааст ва ба маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, ки барои фурӯш ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешаванд ва ҳамчунин ба равандҳои истеҳсол, борҷомакунӣ, тамғагузорӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва истифодаи партовҳои онҳо татбиқ карда мешавад.

4. Объектҳои бамеъёрдарории техникии Регламенти техникии мазкур инҳо мебошанд:

а) маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ:

- гӯшт;

- каллапочаҳо;

- чарбуи хом ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи он, аз он ҷумла, чарбуҳои обкардашудаи ҳайвонот;

- хун ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи он;

- устухон ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи он;

- гӯшти ба таври механикӣ ғелондашуда;

- маҳсули хоми рӯда;

- маҳсули хоми коллагендор ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи он (аз он ҷумла желатин);

- маҳсулоти гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор аз гӯшт;

- маҳсулоти ҳасибии гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор;

- маҳсулоти нимтайёр ва ошхонагии гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор;

- консерваҳои гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор;

- пиёбаҳои гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор;

- маҳсулоти хушки гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор;

- маҳсулот аз чарбуи хук; маҳсулоти забҳӣ барои ғизои кӯдакон;

- маҳсулоти гӯштӣ барои ғизои кӯдакон;

б) равандҳои истеҳсол, борҷомакунӣ, тамғагузорӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва истифодаи партовҳои маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ.

5. Амали Регламенти техникии мазкур ба маҳсулоти зерин ва ҳамчунин талаботи ба равандҳои онҳо алоқаманд татбиқ карда намешавад:

а) маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, ки аз тарафи шаҳрвандон дар шароити хона ва (ё) дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ё шаҳрвандоне, ки ба чорводорӣ машғуланд, истеҳсол шудаанд ва ҳамчунин равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодаи партовҳои маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии танҳо барои

истифодаи шахсӣ муқарраршуда ва барои ба муомилот баровардан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнагардида;

б) маҳсулоти гӯштии махсусгардонидашуда (ба истиснои маҳсулоти гӯштӣ ва маҳсулоти забҳӣ барои ғизои кӯдакон), ки бо истифода ё дар асоси маҳсулоти забҳӣ истеҳсол шудаанд;

в) гӯшти паррандаҳо ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи онҳо ва ҳамчунин маҳсулоти ғизоӣ, ки дар дастури омодакуниашон гӯшти паррандаҳо ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи онҳо аз рӯи вазн дар маҷмуъ аз маҳсулоти забҳии дигар ҳайвоноти маҳсулдиҳанда зиёд мебошанд;

г) иловагиҳои ғизоӣ ва иловагиҳои фаъоли биологӣ ба ғизо, воситаҳои доруворӣ, хӯрок барои ҳайвонот, маҳсулоте, ки бо мақсади ғизоӣ муқаррар нашуда, бо истифода ё дар асоси маҳсулоти забҳӣ истеҳсол шудаанд;

д) маҳсулоти ғизоии муассисаҳои хӯрокӣ (хӯроки умумӣ), ки бо истифода ё дар асоси маҳсулоти забҳӣ истеҳсол шуда, барои фурӯш дар ҳолати хизматрасонӣ муқаррар шудаанд ва ҳамчунин равандҳои ба муомилот баровардани маҳсулоти хӯрокворӣи муқаррargardida;

е) маҳсулоти хӯрокворӣ, ки мутобиқи дастури омодакунӣ мавҷудияти ингредиентҳои гӯштӣ камтар аз 5 фоизро ташкил медиҳанд;

ж) равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодаи партовҳои маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии истеҳсоли ғайрисаноатӣ, ки барои ба муомилот баровардан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд.

## 3. Мафҳумҳои асосӣ

6. Бо мақсади истифодаи Регламенти техникии мазкур мафҳумҳое, ки Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" муқаррар намудааст ва ҳамчунин мафҳумҳо ва муайянкунандаҳои зерини онҳо истифода мешаванд:

- гӯшти беустухон - гӯшт дар шакли порчаҳо, бо андоза ва вазни гуногун, ки маҷмуи бофтаҳои мушакӣ ва пайвасткунандаро бо дохил намудани бофтаҳои чарбуӣ ё бе онҳо ташкил медиҳад;

- маҳсулоти нимтайёри беустухон -маҳсулоти нимтайёри порчапорча, ки аз гӯшти беустухон тайёр шудаанд;

- пиёба - маҳсулоти гӯштии ба таври ҷӯшонидани маҳсулоти забҳӣ бо илова ё бе иловакунии ингредиентҳои ғайригӯштӣ бо ғализкунии минбаъдаи ҳолати обии мода тайёршуда, ки баъди аз он ҷудо намудани маҳсулоти забҳӣ ва (ё) хушккардашуда ё бе онҳо гирифта шудаанд;

- маҳсулоти дар об ҷӯшонидашудаю пӯхташуда аз гӯштмаҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди тайёркунӣ бирён, пӯхта ва ҷӯшонида шудаанд ё ҳар як комбинатсияи ин равандҳоро гузаштаанд;

- маҳсулоти ҳасибии дар об пухташудаю дуддодашудамаҳсулоти ҳасибӣ, ки дар раванди тайёркунӣ дуддиҳии пешакӣ, пухтан ва дуддиҳии иловагиро гузаштаанд;

- маҳсулоти ҳасибии дар об пухташуда - маҳсулоти ҳасибӣ, ки дар раванди тайёркунӣ коркарди ҳароратии дарбаргирандаи хушккунӣ, бирёнкунӣ ва пухтан ё танҳо пухтанро гузаштаанд;

- маҳсулоти ҳасибии дар об пухташуда барои ғизои кӯдаконмаҳсулоти ҳасибии дар об пухташуда, ки барои ғизои кӯдакони аз 3 сола пешбинӣ шудаанд;

- маҳсулоти гӯштии пухташуда - маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди тайёркунӣ коркарди ҳароратии дарбаргирандаи хушккунӣ, бирёнкунӣ ва пухтан ё танҳо пухтанро гузаштаанд;

- мусодираи байторӣ - нимта, қисми нимта ва узвҳои ҳайвоноте, ки аз тарафи мақомоти давлатии назорати (санҷиши) байторӣ бо мақсади ғизоӣ корношоям (ғайриистеъмолӣ) ҳисобида шуда, ба таври ройгон аз истеъмол хориҷ карда мешаванд. (ба мусодираи ройгон мансубанд)

- консерваҳои ветчинӣ (гӯшти намаккардаи хук) - аз ингредиентҳои ғайригӯштӣ ва гӯштии дар намак хобонидашуда консерваҳо аз порчаҳои гӯшти лаҳм бо вазни аз 50 г дар шакли таркиби яклухт бо яхнӣ (полуда) тайёршуда, ки ҳангоми аз зарф (қуттӣ) гирифтан шаклашонро нигоҳ медоранд ва бурида мешаванд;

- консерваҳои гомогенизатсияшуда барои ғизои кӯдаконконсерваҳо барои ғизои кӯдакон, ки барои ғизои кӯдакони аз 6 моҳа муқаррар шуда, дорои на камтар аз 80 фоизи ҳиссаҳо бо андозаи 0,3 мм ва на зиёда аз 20 фоизи ҳиссаҳо бо андозаи то 0,4 мм мебошанд;

- маҳсулоти ҳасибии бирён -маҳсулоти ҳасибӣ, ки дар раванди тайёркунӣ бирён карда шудаанд;

- маҳсулоти бирёншудаи гӯштӣ - маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди тайёркунӣ бирён карда шудаанд;

- желатини ғизоӣ - маҳсулоти аз нав коркардшудаи маҳсулоти хоми коллагендор дар шакли моддаи сафедагӣ, ки қобилияти яхкунӣ дорад;

- гӯшти лаҳм - гӯшти беустухон бо таносуби муқарраршудаи бофтаҳои мушакӣ, пайвасткунанда ва равғанӣ;

- чарбуи хом - маҳсулоти забҳӣ дар шакли бофтаҳои чарбу, ки аз нимта ва узвҳои дохилӣ ҷудо шудаанд;

- маҳсулоти гӯштии яхкунонидашуда - маҳсулоти гӯштӣ, ки дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ то ҳарорати на зиёда аз минус 8 °С ба коркарди яхдонӣ гузошта мешаванд;

- гӯшти яхкунонидашуда - гӯшти буғдода ё хунуккардашуда, ки дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ то ҳарорати на зиёда аз минус 8 °С ба коркарди яхдонӣ гузошта мешаванд;

- блоки яхкунонидашудаи гӯштӣ - гӯшти яхкунонидашудаи як намуд ва номгӯй, ки дар шакли блок бо намуд ва андозаҳои муайян ба қолиб даровардa шудаанд;

- блоки яхкунонидашуда аз каллапоча - каллапочаҳои яхкунонидашудаи як намуд ва номгӯй, ки дар шакли блок бо намуд ва андозаҳои муайян ба қолиб даровардa шудаанд;

- гадак (ҳасиби гӯшти калла, пой, шикамба) - маҳсулоти ҳасибӣ аз ингредиентҳои ба таври ҳароратӣ коркардшуда, ки дорои таркиби гуногун бо ҳамроҳкунии порчаҳои ингредиентҳои гӯштӣ ва ғайригӯштӣ мебошанд;

- ҳасиби хунӣ - маҳсулоти ҳасибӣ, ки бо иловаи хуни ғизоӣ ва (ё) маҳсулоти аз нав коркардшудаи он тайёр шудаанд ва дар ҷойи буридашуда ранги аз сурхи баланд то каҳваранги тира доранд;

- ҳасиби лакона (каллапоча) - маҳсулоти ҳасибӣ аз ингредиентҳои ба таври ҳароратӣ коркардшуда, ки дорои консистенсияи нарм мебошанд ва ҳангоми бурридани порчаҳо шаклашонро нигоҳ медоранд, ки дар дастури омодакуниашон каллапочаи ғизоии пухташуда ва (ё) дампухта бо хӯришҳо ва (ё) аз коркарди ҳароратӣ нагузашта дохил карда мешаванд;

- маҳсулоти ҳасибӣ - маҳсулоти гӯштӣ, ки аз омехтаи ингредиентҳои резакардаи гӯштӣ ва ғайригӯштӣ тайёр шуда, бо рӯйпӯши ҳасибӣ, пакет, қолиб, тӯр ё ба таври дигар ба шакл даровардa шуда, ба коркарди ҳароратӣ мансуб аст ё то омода шудан ба истеъмол коркарди ҳароратӣ намешавад; - маҳсулоти ҳасибӣ аз ингредиентҳои ба таври ҳароратӣ коркардшудамаҳсулоти гӯштии аз омехтаи ингредиентҳои резакардаи гӯштӣ ва ғайригӯштӣ тайёршуда, ки дар дастури омодакуниашон ингредиентҳои гӯштии пухташуда ё дампухта бо хӯришҳо ба коркарди минбаъдаи ҳароратӣ то омода шудан ба истеъмол мансуббуда, дохил карда мешаванд;

- консерваҳо - маҳсулоти гӯштӣ дар зарфҳои истеъмолии ҳавоногузари маҳкамкардашудаи тамъиз ва пастеризатсияшуда, ки устувории микробиологӣ ва набудани микрофлораи касалиовари қобилияти ҳаётидоштаро таъмин менамоянд ва барои нигоҳдории давомдор короям мебошанд;

- маҳсулоти дуддодашудаю пухташуда аз гӯшт (маҳсулоти пухташудаю дуддодашуда аз гӯшт) - маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди тайёр намудан ба дуддиҳии пешакӣ, пухтан ва дуддиҳии иловагӣ мансубанд;

- маҳсулоти дуддодашудаю дар дохил пухташуда аз гӯштмаҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди тайёр намудан ба дуддиҳии пешакӣ, пухтан ва (ё) дар дохили чизе пухтан мансубанд;

- устухон - маҳсулоти забҳӣ дар шакли устухони хом, ки дар ҳолати ғелонидани гӯшт аз устухон ва каллапоча ҳосил карда мешаванд;

- хун - маҳсулоти забҳӣ дар шакли хун, ки дар раванди забҳ бо риояи шароити мансубияти он ба нимтаҳои муайян, ҷамъ карда шудааст;

- консерваҳои калонрезашуда барои ғизои кӯдакон - консерваҳо барои ғизои кӯдакон, ки барои ғизои кӯдакони аз 9 моҳа муқаррар шуда, дорои на камтар аз 80 фоизи ҳиссаҳо бо андозаи 3 мм ва на зиёда аз 20 фоизи ҳиссаҳо бо андозаи то 5 мм мебошанд;

- маҳсули нимтайёри беустухони (гӯшту устухонии) порчаҳои калон - маҳсули нимтайёри беустухони (гӯшту устухонӣ), ки дар шакли порчаи гӯшт бо вазни зиёда аз 500 г тайёр карда шудаанд;

- маҳсулоти ошхонагӣ (кулинарӣ) - маҳсули нимтайёри гӯштӣ (таркибашон гӯштдор), ки дар раванди тайёр намудан то омодашавии пурраи кулинарӣ, коркади ҳароратиро гузаштаанд;

-маҳсули нимтайёри порча-порча - маҳсули нимтайёри гӯштӣ, ки дар шакли порча ё порчаҳои гӯшт бо вазни зиёда аз 10 г тайёр карда шудаанд;

- консерваҳои порчагӣ - консерваҳои аз ингредиентҳои гӯштӣ ва ғайригӯштии бо порчаҳои вазнашон зиёда аз 30 г резашуда омодагардида, ки дар шарбат, қайла, пиёба ё полудаи худ дампаз шудаанд;

- маҳсули нимтайёри беустухони (гӯшту устухонии) порчаҳои хурд - маҳсули нимтайёри беустухон (гӯшту устухонӣ), ки дар шакли порчаи гӯшт бо вазни ҳисобии аз 10 то 500 г тайёр карда шудаанд;

- маҳсулоти гӯштӣ барои ғизои кӯдакон - маҳсулоти гӯштии барои ғизои кӯдакон муқарраргардида (барои кӯдакони синни хурд аз 6 моҳа то 3 сола, кӯдакони синни томактабӣ аз 3 то 6 сола, кӯдакони синни мактабӣ аз 6 сола ва аз он боло), ки ба талаботи физиологии мутобиқаткунандаи организми бачагон ҷавобгӯй мебошанд ва ба саломатии кӯдакони дорои синну соли мувофиқ зарар намерасонанд;

- маҳсулоти гӯштӣ - маҳсулоти ғизоӣ, ки бо роҳи аз нав коркард намудани (коркарди) маҳсулоти забҳӣ, бе истифода ё бо истифодаи ингредиентҳои аз ҳайвонот ва (ё) растаниҳо ва (ё) маъданӣ ва (ё) микробиологӣ ва (ё) сунъӣ бавуҷудомада, тайёр карда шудаанд;

- ингредиенти гӯштӣ - қисми таркибии дастурҳои омодакунии маҳсулоти хӯрокворӣ, ки маҳсулоти забҳӣ ё маҳсулоти дар натиҷаи аз нав коркард намудани маҳсулоти забҳӣ гирифташуда мебошанд ва дар раванди тайёркунии маҳсулоти ҳасибӣ устухон надоранд (ба истиснои маҳсулоти ҳасибӣ аз ингредиентҳои ба таври ҳароратӣ коркардшуда, ки хусусиятҳои технологии истеҳсолашон пухтани гӯштро бо устухон бо ҷудокунии минбаъдаи устухон ва истифодаи пиёбаи он иҷозат медиҳанд) ё ки дорои ғашҳои устухонианд (дар ҳолати

истифодаи гўшти ба таври механикӣ ғелондашуда) ё ин ки устухон доранд (дар ҳолати тайёр намудани маҳсулот аз порчаи пурраи анатомии гўшт бо устухон);

- маҳсулоти нимтайёри гўштӣ - маҳсулоти гўштӣ, ки ҳиссаи вазни ингредиентҳои гўштиашон зиёда аз 60 фоизро ташкил дода, аз гўшти боустухон ё гўшти беустухон дар шакли порча ё қима бо илова намудан ё бе иловаи ингредиентҳои ғайригўштӣ, ки барои фурўш дар савдои чакана пешбинӣ шудаанд ва пеш аз истеъмол то омодакунии кулинарӣ коркарди ҳароратиро талаб менамоянд, тайёр карда шудаанд;

- маҳсулоти гўштӣ - маҳсулоти гўштӣ, ки бо истифода ё бе истифодаи ингредиентҳои ғайригўштӣ тайёр карда шудаанд ва ҳиссаи вазни ингредиентҳои гўштиашон зиёда аз 60 фоизро ташкил медиҳад;

- консерваҳои гўштӣ барои ғизои кўдакон - консерваҳои гўштӣ, ки барои ғизои кўдакон пешбинӣ шуда, бо истифода ё бе истифодаи ингредиентҳои ғайригўштӣ тайёр карда шудаанд ва ҳиссаи вазни ингредиентҳои гўштиашон зиёда аз 40 фоизро ташкил медиҳад;

- гўшти бо роҳи механикӣ ғелондашуда(дообвалки) - гўшти беустухон дар шакли хамирамонанд бо ҳиссаи вазни ҳамроҳкунии устухон на зиёда аз 0,8 фоиз, ки бо роҳи чудо намудани бофтаҳои мушакӣ, пайвасткунанда ва (ё) чарбуӣ (боқимондаи бофтаҳои мушакӣ, пайвасткунанда ва (ё) чарбуӣ) аз устухонҳо ба таври механикӣ, бе илова намудани ингредиентҳои ғайригўштӣ истеҳсол карда шудаанд;

- гўшти бо устухон - гўшт дар тана, нимта, чоряк, буридаҳо ё дар шакли порчаҳо, бо андоза ва вазни гуногун, дар шакли озод, ки маҷмуи бофтаҳои мушакӣ, пайвасткунанда ва устухониро бо дохил намудани бофтаҳои чарбуӣ ё бе онҳо ташкил медиҳад;

- гўшт - маҳсулоти забҳӣ дар шакли нимта ё қисми нимта, ки маҷмуи бофтаҳои мушакӣ, чарбуӣ ва пайвасткунандаро бо дохил намудани бофтаҳои устухонӣ ё бе онҳо ташкил медиҳад;

- маҳсулоти нимтайёри гўштию устухонӣ - маҳсулоти нимтайёри порча-порча, ки аз гўшти устухон бо таносуби муқарраршудаи гўшти беустухон ва устухон тайёр карда шудаанд;

- консерваҳои гўштию растанагӣ барои ғизои кўдаконконсерваҳои гўштдор барои ғизои кўдакон, ки бо истифодаи ингредиентҳои аз растаниҳо ҳосилшуда тайёр карда шудаанд ва ҳиссаи вазни ингредиентҳои гўштиашон аз 18 то 40 фоизи ҳисобро ташкил медиҳанд;

- маҳсулоти гўштию растанигӣ - маҳсулоти гўштдор, ки бо истифодаи ингредиентҳои аз растаниҳо ҳосилшуда тайёр карда шудаанд ва ҳиссаи вазни ингредиентҳои гўштиашон аз 30 то 60 фоизи ҳисобро ташкил медиҳанд;

- консерваҳои таркибашон гўштдор барои ғизои кўдаконконсерваҳое, ки барои ғизои кўдакон пешбинӣ гардида, бо истифодаи ингредиентҳои ғайригўштӣ тайёр карда шудаанд ва ҳиссаи вазни ингредиентҳои гўштиашон аз 5 то 40 фоизи ҳисобро ташкил медиҳанд;

- маҳсулоти нимтайёри таркибашон гўштдор - маҳсулоти гўштӣ, ки ҳиссаи вазни ингредиентҳои гўштиашон аз 5 то 60 фоизи ҳисобро ташкил дода, аз гўшти боустухон ё гўшти беустухон дар шакли порча ё қима бо илова намудани ингредиентҳои ғайригўштӣ, ки барои фурўш дар савдои чакана пешбинӣ гардидаанд, тайёр карда шудаанд ва пеш аз истеъмол то омодакунии кулинарӣ коркарди ҳароратиро талаб менамоянд;

- маҳсулоти таркибашон гўштдор - маҳсулоти гўштӣ, ки бо истифодаи ингредиентҳои ғайригўштӣ тайёр карда шудаанд ва ҳиссаи вазни ингредиентҳои гўштиашон аз 5 то 60 фоизи ҳисобро ташкил медиҳад;

- ингредиенти ғайригўштӣ - қисми таркибии дастурҳои омодакунии маҳсулоти хўроквории, ки маҳсулоти забҳӣ ё маҳсулоти дар натиҷаи аз нав коркард намудани маҳсулоти забҳӣ гирифташуда ба ҳисоб намераванд;

- гўшти ғелонидашуда - гўшти беустухон бо таносуби табии бофтаҳои мушакӣ, пайвасткунанда ва чарбуӣ;

- безараргардонӣ - раванди коркарди маҳсулоти забҳии аз тарафи хадамоти байторӣ барои истифода бо маҳдудият иҷозатдодашуда, ки дар зери назорати мутахассиси соҳаи байторӣ бо мақсади мутобиқ намудани онҳо ба талаботи Регламенти техникии мазкур иҷро карда мешавад;

- гўшти хунуккунонидашуда - гўшти буғдода, ки дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ то ҳарорати аз минус 1,5 °С то плюс 4 °С ба коркарди яхдонӣ гузошта мешавад;

- каллапочаи хунуккунонидашуда - каллапочае, ки баъд аз забҳ ва чудо намудани онҳо дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ то ҳарорати аз минус 1,5 °С то плюс 4 °С ба коркарди яхдонӣ гузошта мешавад;

- маҳсулоти нимтайёри бо орд чўлонидашуда - маҳсулоти нимтайёри порча-порча ё қимашуда, ки сатҳи болоияшон бо ингредиентҳои бо орд чўлонидашуда ё омехтаҳои ингредиентҳои бо орд чўлонидашуда пўшонида шудаанд;

- гўшти буғдода - гўште, ки бевосита баъд аз забҳ ба даст оварда шуда, дорои ҳарорати на камтар аз плюс 35 °С дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ мебошад;

- миқдори муайяни (партияи) ҳайвонот - миқдори муайяни як намуди ҳайвонот, ки ба объекти истеҳсолӣ аз як хоҷагӣ дар фосилаи вақти муайян бо ҳуҷҷатҳои ҳамроҳ бо мол фиристодашаванда ва сертификати байторӣ ворид шудаанд;

- консервахои пастеризатсияшуда - консервахо, ки дар раванди тайёркунӣ дар ҳарорати камтар аз 100 °С гарм карда шудаанд ва ба талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур ба тамъизи саноатӣ барои консервахои пастеризатсияшаванда, шароити нигоҳдорие, ки устувории микробиологиро таъмин менамоянд, мутобиқат менамоянд;

- ҳасибчаҳои пастеризатсияшудаи гӯштӣ (таркибашон гӯштдор) барои ғизои кӯдакон - маҳсулоти ҳасибӣ барои ғизои кӯдакон, ки барои ғизои кӯдакони аз якунимсола муқаррар шуда, аз қимаи ҳасибӣ, ки дар рӯйпӯши ҳасибӣ бо қутри на зиёда аз 22 мм ба шакл даровардa шудааст ва то омода шудан ба истеъмол ба коркарди ҳароратӣ мансуб аст ва дар борҷомаҳои ҳавоногузар пастеризатсия карда мешавад;

- паштет - маҳсулоти ҳасибӣ аз ингредиентҳои ба таври ҳароратӣ коркардшуда, ки дорои консистенсияи молиданӣ мебошанд;

- консервахои паштетӣ - консервахо дар шакли хамираҳои часпакию пластикии якхелаи консистенсияҳои молиданӣ ва хамираҳои консистенсияҳои молиданӣ бо ҳамроҳ намудани ингредиентҳои гӯштӣ ва ғайригӯштӣ бо иловаи каллапочаҳои ғизоӣ тайёршуда;

- маҳсулоти ҳасибии нимдуддодашуда барои ғизои кӯдаконмаҳсулоти ҳасибии нимдуддодашуда, ки барои ғизои кӯдакони аз 6 сола муқаррар шудаанд;

-маҳсулоти ҳасибии нимдуддодашуда - маҳсулоти ҳасибӣ, ки дар раванди тайёркунӣ бирёнкунӣ ё нимхушккунӣ, пухтан, дуддиҳӣ ва ҳангоми зарурият хушккуниро гузаштаанд;

- маҳсулоти нимтайёр дар хамир - маҳсулоти нимтайёри қимашуда, ки аз хамир ва қимаи гӯштин дар шакли қима ё ингредиентҳои гӯштии порча-порча ё ингредиентҳои гӯштӣ ва ғайригӯштии порча-порча тайёр карда шудаанд;

- маҳсулоти нимтайёр барои ғизои кӯдакон - маҳсулоти нимтайёри гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор, ки барои ғизои кӯдакони аз якунимсола муқаррар шудаанд;

- маҳсулоти гӯштӣ - маҳсулоти гӯштӣ, ки аз қисмҳои гуногуни нимта, ки намаккунӣ ва коркарди ҳароратиро гузаштаанд ё то омодашавӣ ба истеъмол коркарди ҳароратӣ нашудаанд;

- маҳсулот аз чарбуи хук - маҳсулоти гӯштӣ, ки аз чарбуи зери пӯсти хук бо пӯст ё бе он, бо бурридани бофтаҳои мушакӣ ё бе бофтаҳои мушакӣ тайёр шуда, дар раванди тайёркунӣ намаккунӣ, ҷӯшонидан, дуддиҳӣ, пухтан ё якҷоякунии ин равандҳоро гузаштаанд ё нагузаштаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи чарбуи хом - маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди аз нав коркард намудани маҳсулоти чарбудори забҳӣ гирифта шудаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи маҳсулоти хоми коллагендормаҳсулоти гӯштӣ, ки аз сафедаҳои хушки ҳайвонот, аз ҷумла гидролизатҳо ва желатин таркиб ёфтаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи устухон - маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди аз нав коркард намудани устухон ва боқимондаҳои устухонӣ, ки аз устухони беравғаншуда ва гидролизати устухон таркиб ёфтаанд;

- маҳсулоти аз нав коркардшудаи хун- маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди аз нав коркард намудани хун гирифта шуда, аз хуни хушк, албумини шаффоф (хунобаи хушк ё плазмаи хушки хун), албумини сиёҳ, маҳсулот дар асоси унсурҳои ҳақиқии хун таркиб ёфтаанд;

- маҳсулоти забҳӣ - маҳсулоти ғизоии коркарднагардидаи аз ҳайвонот ҳосилшуда, ки дар натиҷаи забҳ намудани ҳайвоноти маҳсулдиҳанда дар шароити саноатӣ гирифта шудаанд ва барои аз нав коркард намудан (коркард) ва (ё) фурӯши минбаъда, ки гӯшт, каллапоча, чарбуи хом, хун, устухон, гӯшти ба таври механикӣ ғелондашуда (дообвалки), маҳсулоти хоми коллагендор ва рӯдаҳоро дар бар мегиранд;

-маҳсулоти забҳӣ, ки истифодаашон аз тарафи хадамоти байторӣ бо маҳдудият иҷозат дода шудааст - маҳсулоти ғизоӣ, ки истифодаашон бо мақсади ғизоӣ баъд аз безараргардонӣ иҷозат дода мешавад;

- маҳсулоти забҳӣ барои ғизои кӯдакон - маҳсулоти забҳӣ, ки ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ барои ғизои кӯдакон муқаррар шудаанд;

- консервахои пюремонанд барои ғизои кӯдакон - консервахо барои ғизои кӯдакон, ки барои ғизои кӯдакони аз 8 моҳа муқаррар шуда, дорои на камтар аз 80 фоизи ҳиссаҳо бо андозаи 1,5 мм ва на зиёда аз 20 фоизи ҳиссаҳо бо андозаи то 3 мм мебошанд;

- гӯшти яхашон обкардашуда - гӯшти яхашон обкардашуда, ки дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ то ҳарорати на камтар аз минус 1,5 °С гарм карда шудаанд;

- каллапочаҳои яхашон обкардашуда - каллапочаҳои яхашон обкардашуда, ки дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ то ҳарорати на камтар аз минус 1,5 °С гарм карда шудаанд;

- маҳсулоти растанигӣ - гӯштӣ - маҳсулоти таркибашон гӯштдор, ки бо истифодаи ингредиентҳои аз растаниҳо ҳосилшуда тайёр карда шудаанд ва ҳиссаи вазни ингредиентҳои гӯштиашон аз 5 то 30 фоизи ҳисобро ташкил медиҳанд;

- консервахои растанагӣ - гӯштӣ барои ғизои кӯдаконконсервахои таркибашон гӯштдор барои ғизои кӯдакон, ки бо истифодаи ингредиентҳои аз растаниҳо ҳосилшуда тайёр карда шудаанд ва ҳиссаи вазни ингредиентҳои гӯштиашон аз 5 то 18 фоизи ҳисобро ташкил медиҳанд;

- дастури омодакунии маҳсулоти гӯштӣ - рӯйхати пурраи компонентҳои дар раванди истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ истифодашаванда, ки аз тарафи истеҳсолкунанда ба таври ҳуҷҷатӣ муқаррар шуданд, бо нишондоди миқдори ингредиентҳои гӯштӣ ва ғайригӯштӣ, аз ҷумла, намаки ошӣ, доруворӣ, иловагиҳои ғизоӣ ва оби иловашаванда (аз он ҷумла, дар шакли ях, пиёбаҳо, намакобҳо), ки тибқи онҳо мансубияти маҳсулоти гӯштӣ ба гурӯҳи маҳсулоти гӯштӣ, таркибашон гӯштдор, гӯштию растанигӣ ё растанигӣ-гӯштӣ муқаррар карда мешавад;

-консерваҳои қима (реза) - консерваҳо аз порчаҳои гӯштӣ бо андозаи аз 16 то 25 мм дар шакли хамираҳои яклухт аз ингредиентҳои гӯштӣ ва ғайригӯштӣ баробар бо омехтаи полуда ва чарбу;

- маҳсулоти нимтайёри гӯштии қима (реза) - маҳсулоти нимтайёр, ки аз ингредиентҳои резашудаи гӯштӣ ё резашудаи ғайригӯштӣ, бо илова намудан ё бе илова намудани намаки ошӣ, доруворӣ ва иловагиҳои ғизоӣ тайёр карда шудаанд;

- маҳсулоти нимтайёри қимаи (резаи) таркибашон гӯштдормаҳсулоти нимтайёри таркибашон гӯштдор, ки аз ингредиентҳои резашудаи гӯштӣ ё ғайригӯштӣ, бо илова намудан ё бе илова намудани намаки ошӣ, доруворӣ ва иловагиҳои ғизоӣ тайёр карда шудаанд;

- консерваҳои тамъизшуда - консерваҳо, ки дар раванди тайёркунӣ дар ҳарорати зиёда аз 100 °С гарм карда шудаанд ва ба талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур ба тамъизи саноатӣ барои консерваҳои тамъизшаванда, мутобиқат менамоянд;

- оби яхнии каллашӯрбо - маҳсулоти ҳасибӣ аз ингредиентҳои ба таври ҳароратӣ коркардшуда, ки дорои консистенсияи мулоим то сахт мебошанд ва бо илова намудани на зиёда аз 100 фоиз пиёба тайёр шудаанд;

- каллапочаҳо - маҳсулоти забҳӣ дар шакли узвҳои дарунӣ, калла, дум, почаҳо (ё қисмҳои онҳо), буридаҳои гӯштии аз хун тозашуда, бе пардаи хуноба ва бофтаҳои часпида ва ҳамчунин пӯст ва қисми байни пистонҳои хукҳо; - сафедаҳои хушки ҳайвонот - маҳсулоти аз нав коркардшудаи маҳсулоти хоми коллагендор, ки дар натиҷаи гидролиз ва хушккунии маҳсулоти хоми коллагендор ҳосил шудаанд;

- маҳсулоти хушк - маҳсулоти гӯштӣ, ки бо роҳи беоб намудан бо усули физикӣ то боқӣ мондани ҳиссаи вазни намнокии на зиёда аз 10 фоизи ҳисоб, тайёр карда шудааст;

- маҳсулоти ҳасибии намдору ҷулонидашуда - маҳсулоти ҳасибӣ, ки дар раванди тайёр намудан бе истифода ё бо истифодаи микроорганизмҳои аввалия ва хушккунӣ, таҳшин ва (ё) ферментонӣ шудаанд;

- маҳсулоти намдору ҷулонидашудаи гӯштӣ - маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди тайёр намудан бе истифода ё бо истифодаи микроорганизмҳои аввалия ва хушккунӣ, ферментонӣ шудаанд;

- маҳсулоти ҳасибии намдору дуддодашуда - маҳсулоти ҳасибӣ, ки дар раванди тайёр намудан бе истифода ё бо истифодаи микроорганизмҳои аввалия, дуддиҳии хунук ва хушккунӣ, таҳшин ва (ё) ферментонӣ шудаанд;

- маҳсулоти намдору дуддодашудаи гӯштӣ - маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди тайёр намудан бе истифода ё бо истифодаи микроорганизмҳои аввалия, дуддиҳии хунук ва хушккунӣ, ферментонӣ шудаанд;

- маҳсулоти хоми рӯдагӣ - маҳсулоти забҳӣ дар шакли рӯдаҳо ва дигар қисмҳои узвҳои ҳозима, масона;

-маҳсулоти хоми коллагендор - маҳсулоти забҳӣ, ки дар таркибашон сафедаи коллаген мавҷуд аст;

-чарбуи обкардашудаи ҳайвонот - маҳсулоти гӯштӣ, ки аз чарбуи хом ва дигар маҳсулоти забҳии чарбудор тайёр карда шудаанд;

- қима - маҳсулоти нимтайёри резашуда бо андозаи ҳиссаҳои на зиёда 8 мм, ки барои тайёр намудани маҳсулоти нимтайёри шаклдодашуда ё барои фурӯш дар савдои чакана пешбинӣ шудаанд;

- консерваҳои қимагӣ - аз ингредиентҳои гӯштӣ ва ғайригӯштӣ тайёршуда консерваҳо дар шакли қимаи яклухт бо таркиби якхела ва гуногун, ки ҳангоми аз зарф (қуттӣ) гирифтан шаклашонро нигоҳ медоранд ё ин ки дар шакли ба қолабандохташуда дар пиёба, қайла, чарбу ё полуда;

- маҳсулоти нимтайёри қимашуда - маҳсулоти нимтайёри шаклдодашуда, ки дар ҳолати тайёр намуданашон пуркунӣ ё печонидани яке аз ингредиентҳо ё ки омехтани ингредиентҳо ба дигар ингредиентҳо ё омезиши ингредиентҳо амалӣ карда мешавад;

- маҳсулоти нимтайёри шаклдодашуда - маҳсулоти нимтайёри порча-порча ё резашуда, ки дорои шакли муайяни геометрӣ мебошанд;

- яхнии каллашӯрбо - маҳсулоти ҳасибӣ аз ингредиентҳои ба таври ҳароратӣ коркардшуда, ки дорои консистенсияи мулоим то сахт мебошанд ва бо илова намудани на зиёда аз 100 фоиз пиёба тайёр шудаанд;

- равған (сало) - равғани дар зери пуст, назди гурда ва дар ковокии шикам ҷамъшудаи ҳайвонот, ки асосан аз триглитсеридҳо иборат буда, дорои миқдори зиёди боқимондаи кислотаҳои чарбуии ғализшуда мебошад.

## 4. Қоидаи ҳаммонандкунии (идентификатсияи) маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ

7. Бо мақсади мансуб (марбут) намудани маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ ба объектҳои бамеъёрдарории техникӣ, ки нисбати онҳо Регламенти техникии мазкур қабул карда мешавад, ҳаммонандкунии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ аз тарафи дархостдиҳанда, мақомоти назорати (санҷиши) давлатӣ, мақомоти амаликунандаи назорати гумрукӣ, мақомот оид ба баҳодиҳии мутобиқат ва ҳамчунин дигар шахсони манфиатдор, бе гузаронидани ташхис (санҷиш) бо роҳи муқоиса намудани номгӯи маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, ки дар

таркиби тамғагузорӣ ё ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии мол муқаррар карда шудаанд, бо назардошти қисми 3 Регламенти техникии мазкур ба номгӯи маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ амалӣ карда мешавад.

8. Бо мақсади муқаррар намудани мутобиқати маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ ба номгӯи худ, ҳаммонандсозии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бо роҳи муқоиса намудани намуди зоҳирӣ ва нишондиҳандаҳои органолептикӣ бо аломатҳои бо стандартҳо муайянгардида, ки дар натиҷаи истифодаи ихтиёриашон риояи талаботи Регламенти техникии мазкур, ки феҳристи стандартҳои бо мақсади баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқат ба регламенти техникии мазкур истифодашаванда муқаррар намудаанд, таъмин карда мешавад ё бо ҳуҷҷатҳои техникии муайянкунандаи аломат, ки мутобиқи онҳо маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ тайёр карда шудаанд, амалӣ карда мешавад.

9. Дар ҳолате ки агар маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштиро дар асоси маълумоте, ки дар таркиби тамғагузорӣ ва дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии мол бо усули муоинаи зоҳирӣ ва органолептикии муқарраршуда имконияти ҳаммонандкунӣ мавҷуд набошад, ҳаммонандкуниро бо усули аналитикӣ - бо роҳи санҷиши мутобиқати нишондиҳандаҳои физикӣ-кимиёвии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бо нишондиҳандаҳое, ки дар муайян намудани чунин маҳсулот дар Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин аломатҳои дар стандартҳо муқарраршудае, ки дар натиҷаи истифодаи ихтиёриашон риояи талаботи регламенти техникии мазкур, ки феҳристи стандартҳои бо мақсади баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқат ба регламенти техникии мазкур истифодашаванда муқаррар намудаанд, таъмин карда мешавад ё бо ҳуҷҷатҳои техникии муайянкунандаи аломат, ки мутобиқи онҳо маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ тайёр карда шудаанд, амалӣ карда мешавад.

## 5. Қоидаи ба муомилот баровардани маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон

10. Маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ дар ҳолати мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин талаботи дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, барои ба муомилот баровардан дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешаванд.

11. Дар ҳолати муомилот (гардиш) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бо сертификатҳои байторӣ, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор дода шудааст ва ҳуҷҷатҳои ҳамроҳи мол якҷоя фиристода мешаванд.

12. Ҳар як партияи маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, зери назорати санҷиши (назорати) байторӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати мавҷуд будани сертификати байторӣ, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятдори кишвари ирсолкунанда дода шудааст, ворид карда мешавад.

13. Маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштие, ки ба талаботи Регламенти техникии мазкур мутобиқат мекунанд ва баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқатро гузаштаанд, бо нишони ягонаи мутобиқати регламентҳои техникӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тамғагузорӣ мешаванд.

14. Маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии ба талаботи Регламенти техникии мазкур ҷавобгӯйнабуда, аз ҷумла маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии муҳлати истеъмолиашон гузашта, барои муомилот дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода намешаванд.

## 6. Талаботи бехатарӣ ба маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ

15. Маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муомилотбуда, дар давоми муҳлати муқарраршудаи истеъмолӣ, дар ҳолати истифода аз рӯи таъинот, бояд бехатар бошанд.

16. Маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, мутобиқат намоянд.

17. Ба муомилот баровардани чарбуи узвҳои дохилии ҳайвонот дар нуқтаҳои савдо ва истифодаи он дар муассисаҳои хӯроки умумӣ иҷозат дода намешавад.

18. Меъёрҳои микробиологӣ ва беҳдоштии бехатарии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ (аз он ҷумла маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ барои ғизои кӯдакон) бояд ба талаботи дар замимаи Регламенти техникии мазкур муқаррааргардида мутобиқат намоянд.

19. Маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди тайёр намудан дуд дода мешаванд, на бояд зиёда аз 0,001 мг/кг бенз(а)пирен дошта бошанд.

20. Мавҷудияти бенз(а)пирен дар маҳсулот барои ғизои кӯдакон иҷозат дода намешавад.

21. Нишондиҳандаҳои физикӣ-кимиёвии маҳсулоти гӯштӣ барои ғизои кӯдакон бояд ба талаботи дар замимаи Регламенти техникии мазкур муқарраргардида мутобиқат намоянд.

22. Сатҳи ниҳоии иҷозатдодашудаи боқимондаҳои доруворихои байторӣ (зоотехникӣ), нумӯъдиҳандаҳои қомати ҳайвонот (аз он ҷумла доруҳои гормоналӣ), воситаҳои доругӣ (аз он ҷумла, антибиотикҳо), ки мавҷудияташон дар маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ мутобиқи маълумот дар бораи истифодаи онҳо, ки аз тарафи истеҳсолкунанда (воридкунанда) дар ҳолати ворид намудани онҳо ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар ҳолати ворид намудани маҳсулоти забҳӣ барои аз нав коркард намудан тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод мегарданд, санҷида мешаванд, бояд ба талаботи дар замимаи Регламенти техникии мазкур муқарраргардида мутобиқат намоянд.

23. Ингредиентҳои ғайригӯштӣ, ки ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ истифода мешаванд, бояд ба талаботи Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, мутобиқат намоянд.

## 7. Талабот ба равандҳои истеҳсоли маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ

24. Истеҳсолкунандагон, фурӯшандагон ва шахсоне, ки вазифаҳои истеҳсолкунандаи хориҷии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштиро иҷро менамоянд, бояд равандҳои истеҳсоли онҳоро тавре амалӣ намоянд, ки ин маҳсулот ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, мутобиқат намоянд.

25. Объектҳои истеҳсолие, ки дар онҳо равандҳои забҳ намудани ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, аз нав коркард намудани (коркарди) маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ амалӣ карда мешавад, мутобиқи муқаррароти Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" ба аттестатсияи байторию санитарии шароити истеҳсолот мансубанд.

26. Ташкили биноҳои истеҳсолӣ, ки дар онҳо раванди истеҳсоли маҳсулоти забҳӣ ва (ё) маҳсулоти гӯштӣ амалӣ карда мешавад, таҷҳизоти технологӣ ва инвентаре, ки дар раванди истеҳсоли маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ истифода мешаванд, шароити нигоҳдорӣ ва баровардани пасмондаҳои истеҳсолии онҳо ва ҳамчунин обе, ки дар раванди истеҳсоли онҳо истифода мешавад, бояд ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" мутобиқат намоянд.

27. Дар ҳама марҳилаҳои раванди истеҳсоли маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бояд назорати пай дар пайи онҳо таъмин карда шавад.

28. Маводҳои дар раванди истеҳсол бо маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ алоқамандбуда (муносибатдошта), бояд ба талаботе, ки ба бехатарии маводҳои бо маҳсулоти хӯрокворӣ муносибатдошта пешбинӣ шудаанд, мутобиқат намоянд.

29. Масолеҳи бастабандӣ барои борҷомакунии маҳсулоти тайёр ба воситаи долон ё молфиристонӣ (экспедисия), аз бинои истеҳсолӣ гузашта, пешниҳод карда мешаванд. Нигоҳдории маҳсулоти бастабандӣ дар биноҳои истеҳсолӣ иҷозат дода намешавад.

## 8. Талабот ба маҳсулоти забҳӣ ва равандҳои истеҳсоли онҳо

30. Раванди истеҳсоли маҳсулоти забҳӣ тайёр намудани ҳайвоноти маҳсулдиҳандаро ба забҳ, забҳи ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, қассобӣ, ғелонидан ва чандиркунонии нимта, тозакунии нимта, қисмҳои нимта ва каллапочаҳо, ҷамъкунии мусодироти байториро дар бар мегирад.

31. Раванди тайёр намудани ҳайвоноти маҳсулдиҳанда барои забҳ бояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" дар қисми равандҳои қабул намудани маҳсулоти хӯрокворechoии коркарднагардидаи аз ҳайвонот истеҳсолшуда, мутобиқат намояд.

32. Ҳайвоноти маҳсулдиҳандае, ки ба объекти истеҳсолӣ ворид мешаванд, муоинаи пешаззабҳии байторию санитарӣ ва нигоҳдории пешаззабҳиро мутобиқи талаботе, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, мегузаранд.

33. Дар ҳолате ки агар дар партияи ҳайвоноти маҳсулдиҳанда ҳайвоноти маҳсулдиҳандаи касал дар ҳолати ҷонканӣ, ҳайвоноти маҳсулдиҳанндаи маҷбуран кушташуда ё мурдаҳои ҳайвоноти маҳсулдиҳанда ошкор (пайдо) шаванд, ё ин ки агар дар партияи ҳайвоноти маҳсулдиҳанда миқдори саршумори ҳақиқӣ ба миқдоре, ки дар ҳуҷҷатҳои байторӣ нишон дода шудааст, мутобиқат накунад, чунин партияи ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, фавран дар бинои карантинӣ то муайян намудани ташхиси касалӣ (диагноз) ва сабабҳои номутобиқатӣ ҷой карда мешаванд.

34. Иҷозат дода намешавад:

а) барои забҳ фиристонидани ҳайвонои маҳсулдиҳандаи ҳаммонанднашуда, ҳайвоноти маҳсулдиҳандае, ки нигоҳдории пешаззабҳӣ ва муоинаи байтории пешаззабҳиро нагузаштаанд ва ҳамчунин ҳайвоноти маҳсулдиҳанда бо ифлосиҳои поруӣ (саргинӣ) дар пӯсти бадан;

б) ба соҳибонашон баргардонидани ҳайвоноти маҳсулдиҳандаи касал ва (ё) нисбати касалӣ шубҳанок, ҳайвоноти маҳсулдиҳанда бо иллати латхурӣ ва ҳамчунин мурдаҳои ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, ки дар ҳолати қабул ошкор шудаанд;

в) бурдани (баровардани) ҳайвоноти маҳсулдиҳандаи барои забҳ қабулшуда, аз ҳудуди минтақаҳои нигоҳдории пешаззабҳӣ ва забҳии ҳайвоноти маҳсулдиҳанда;

г) фиристонидани мурдаҳои ҳайвоноти маҳсулдиҳанда ва мусодираҳои байторӣ ба майдонҳои пасмондаҳои сахти маишӣ.

35. Ҳангоми дар вақти қабул ва муоинаи пешаззабҳӣ ошкор намудани ҳайвоноти маҳсулдиҳанда бо нишонаҳои касалиҳои сирояткунанда, ҳамаи партияи ҳайвоноти маҳсулдиҳанда то баровардани натиҷаи ниҳоии ташхиси касалӣ, ҷудо нигоҳ дошта мешаванд.

36. Ҳайвоноти маҳсулдиҳанда барои забҳ аз биноҳо (молхонаҳои кушода) барои нигоҳдории пешаззабҳӣ ба бино барои забҳ тавре пешниҳод карда мешаванд, ки кори бонизоми хати забҳӣ таъмин гардад ва заҳролудшавии чандтарафа пешгирӣ шавад.

37. Раванди забҳ намудани ҳайвоноти маҳсулдиҳанда (минбаъдзабҳ) бояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" дар қисми равандҳои қабули маҳсулоти хӯрокворӣи коркарднагардидаи аз ҳайвонот ҳосилшуда, мутобиқат намояд.

38. Раванди забҳ бояд ҳаммонандкунии маҳсулоти забҳӣ ва назорати пай дар пайи маҳсулоти забҳиро дар муддати ҳамаи раванди технологӣ, таъмин намояд.

39. Раванди забҳ бояд риояи реҷаҳои равандҳои технологии забҳ ва истифодаи усулҳои технологие, ки ифлосшавии рӯйи нимтаҳоро истисно менамоянд, таъмин намояд.

40. Дар ҳолати забҳ бояд ҷудо намудани гурӯҳҳои амалиёти кории зерини таъмин карда шаванд:

а) гурӯҳи 1 - беҳаракаткунонӣ, бастаовезонкунӣ, бехунгардонӣ (бемадоркунӣ), сафедкунӣ ва ҷудокунии пӯст (барои хукҳо дар пӯстоби ҷӯш рехтан, дур кардани пашм, сӯзонидан ва тоза намудани нимта аз боқимондаҳои пашмҳо).

Беҳаракаткунонии ҳайвоноти маҳсулдиҳанда бо истифодаи воситаҳое, ки сустшавии ҳиссиёти ҳайвоноти маҳсулдиҳанда ва гум кардани қобилияти ҳаракатро дар ҳолати кор кардани дил таъмин менамоянд, амалӣ карда мешавад.

Бемадоркунонии ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, бо усуле, ки аз хама бештар бехунгардонии пурраи онҳоро таъмин менамояд, гузаронида мешавад.

б) гурӯҳи 2 - тозакунии дарун, ҷудокунии нимта ба қисмҳо, тозакунии нимтаҳо, тамғагузорӣ (нишонагузорӣ) ва баркашӣ;

в) гурӯҳи 3 - коркард ва аз нав коркард намудани маҳсулоти хоми ғайриасосӣ (каллапочаҳо, маҳсулоти хоми рӯдагӣ, чарбуи хом, хун, устухон, маҳсулоти хоми эндокриннию ферментӣ ва махсус, маҳсулоти хоми пӯстӣ ва маҳсулоти хоми ғайриғизоӣ).

41. Тавора, таҷҳизот ва асбобҳое, ки дар ҳолати забҳ истифода мешаванд, бояд ба гузаштани ифлосиҳо ба нимта, қисмҳои нимта ва маҳсулоти забҳӣ имконият надиҳанд.

42. Дар ҳолати шубҳа ё ошкор намудани касалиҳои махсусан хатарноки ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, ба таври таъҷилӣ боз доштани хати забҳ аз ҷойи кории мутахассисони байторӣ бо ёрии дастгоҳҳои техникӣ (масалан, тугмаи "ист" (қатъкунӣ, боздошт)) зарур аст.

43. Барои ҷамъоварӣ намудани мусодироти байторӣ зарур аст, ки фароришҳои алоҳида ё зарфҳои махсуси дастрасии иҷозатнадодашударо истиснокунанда, ки дорои рангҳои гуногунанд ва тамғагузорӣ шудаанд, муҷаҳҳаз шаванд.

44. Хунро бо мақсади ғизоӣ, на дертар аз 3 дақиқаи баъд аз беҳаракаткунонии ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, бо ёрии корди дарункововки тамъизшуда ба воситаи рӯда ба зарфи тамғагузоришудаи тамъизгардида, ҷамъ мекунанд. Дар як зарф ҷамъ намудани хуни на зиёда аз 10 ҳайвоноти маҳсулдиҳанда иҷозат дода мешавад. Хун на дертар аз 2 соат баъд аз забҳи ҳайвоноти маҳсулдиҳанда барои аз нав коркард намудан (коркард намудан) фиристонида мешавад.

45. Тозакунии даруни (шиками) нимта на дертар аз 45 дақиқа барои чорвои калони шохдор ва хукҳо, на дертар аз 30 дақиқа барои чорвои хурди шохдор, баъд аз ба охир расонидани раванди бехунгардонии (бемадоргардонии) ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат ифлосшавии сатҳи болоии нимтаи дорои меъда ва рӯдаҳо иҷозат дода намешавад. Дар раванди тозакунии даруни нимта кордро на камтар аз 1 маротиба дар 30 дақиқа бо дигараш, ки коркарди санитарӣ шудааст, иваз мекунанд.

46. Дастҳо, дастпӯшакҳои зиреҳдор ва пешдоманҳоро аз рӯи ифлосшавӣ мешӯянд, вале на камтар аз 1 маротиба дар 30 дақиқа

47. Маҳсулоти забҳии дар раванди тозакунии дарун баровардашуда, на дертар аз 15 дақиқа баъд аз баровардани онҳо аз нимта, барои аз нав коркард намудан (коркард намудан) фиристонида мешаванд.

48. Дар раванди арракунии нимта ва баровардани ҳароммағз (аррапӯшт) яклухтии онро вайрон намекунанд.

49. Теғаи (дами) арраҳое, ки дар раванди арракунии нимтаҳо истифода мешаванд, баъди на камтар аз 1 соати кор аз коркарди санитарӣ гузаронида мешаванд.

50. Дар раванди тозакунии танаҳои (нимтаи) ҳама намуди ҳайвоноти маҳсулдиҳанда доғҳои кабуди хунӣ, кафидани рагҳои хун ва ифлосшавии пораҳо дур карда мешаванд.

51. Раванди тоза намудани каллапочаҳо аз доғҳои кабуди хунӣ ва раванди дур кардани пардаҳои хуноба ва бофтаҳои часпида бояд на дертар аз 3 соат баъди забҳи ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, ҳамчунин барои хунуккунӣ ва яхкунонӣ пешниҳод намудан, ба анҷом расонида шавад.

52. Гузаронидани равандҳои тозакунии каллапочаҳои пашмдор дар бино барои забҳи ҳайвоноти маҳсулдиҳанда иҷозат дода намешавад, ба истиснои гузаронидани чунин амалиёт нисбати ҳама намудҳои каллапочаҳо дар биноҳои алоҳида.

53. Тақсим намудани тана (нимта, чоряк, буридаҳо), ғелонидан ва чандиркунонӣ дар ҳарорати ҳавои на зиёда аз плюс 12 °С амалӣ карда мешавад.

54. Бо мақсади дезинфексиякунонӣ иваз намудани асбобҳое, ки барои амалӣ намудани равандҳои ғелонидан ва чандиркунонӣ заруранд, бо ҳадди ифлосшавии онҳо ба роҳ монда мешавад, вале на камтар аз 1 маротиба дар 30 дақиқа.

55. Устухон ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи он барои истеҳсоли чарбуи обкардашудаи ҳайвонот, дар муддати на дертар аз 6 соат баъд аз ғелонидан барои аз нав коркард намудан (коркард намудан) фиристонида мешавад. Дар ҳолати ба таъхир гузоштани аз нав коркард намудан, устухон дар утоқи хунукшаванда, ки муҳлати нигоҳдориашон дар ҳарорати нигоҳдории на зиёда аз плюс 8 °С-ро дар муддати на зиёда аз 24 соат ташкил медиҳад, ҷойгир карда мешавад.

56. Консервакунонии маҳсулоти хоми таркибашон коллагендори беустухон бо намаки ошӣ ё дигар воситаҳои бо ин мақсад рухсатдодашуда ва нигоҳдорӣ дар зарфҳои пӯшида, иҷозат дода мешавад.

57. Баъд аз забҳ, нимта ва дигар маҳсулоти забҳӣ, мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба экспертизаи байторӣ-санитарӣ ва тамғагузорӣ мансубанд.

58. Дар ҳолати ошкор намудани касалиҳои ҳайвоноти маҳсулдиҳанда баъд аз забҳ, дар болои нимта муҳри байторӣ, ки дар бораи усули безараргардонӣ ё истифодаи партови он шаҳодат медиҳад, гузошта мешавад.

59. Дар ҳолати дар раванди ғелонидан ва чандиркунонии гӯшт ва каллапочаҳо ошкор шудани тағйиротҳои ғайримуқаррарӣ (патологӣ), ки барои касалиҳои сироятӣ ва инвазионӣ хос мебошанд, маҳсулоти забҳиро дар камераи алоҳида (ҷудокардашуда) то гирифтани натиҷаҳои ташхиси озмоишгоҳ, ҷойгир менамоянд. Дар ин ҳолат коркарди лозимии санитарии (дезинфексияи) асбобҳо, таҷҳизот ва либосҳои корӣ (махсус)

60. Безараргардонии маҳсулоти забҳӣ, ки барои истифода бо маҳдудият аз тарафи хадамоти байторӣ иҷозат дода шудааст, дар биноҳои махсусгардонидашуда бо истифодаи таҷҳизоти ба тавре ҷойгиршудае, ки ҷараёни чандтарафаи омехташавии маҳсулоти забҳӣ ва безараргардонии маҳсулоти забҳиро истисно менамоянд, гузаронида мешавад.

61. Аз нав коркард намудани минбаъдаи онҳо дар биноҳои истеҳсолӣ дар охири басти корӣ ё дар басти кории алоҳида дар зери назорати мутахассиси хадамоти байторӣ гузаронида мешавад. Баъд аз анҷоми кор коркарди санитарии (дезинфексияи) бино, таҷҳизот ва асбобу анҷомҳо (инвентар) гузаронида мешавад. 62. Раванди истеҳсоли маҳсулоти забҳӣ барои ғизои кӯдакон дар оғози басти корӣ ё дар басти кории алоҳида, бо шарти шӯстушӯи пешакӣ ва дезинфексияи таҷҳизоти технологӣ ва асбобу анҷомҳо (инвентар), гузаронида мешавад. 63. Забҳи ҳайвоноти маҳсулдиҳандаи ваҳшӣ (шикоршуда), ба монанди бузи кӯҳӣ, хуки ваҳшӣ, гӯсфанди кӯҳӣ, архар ва ғайра тибқи тартиби муқарраргардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 9. Талабот ба маҳсулоти гӯштӣ ва равандҳои истеҳсоли он

64. Маҳсулоти забҳие, ки дар ҳолати исеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ истифода мешаванд, бояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" мутобиқат намояд. Дар истеҳсоли маҳсулоти гуштӣ истифода намудани пусти парранда иҷозат дода намешавад.

65. Маҳсулоти забҳии ҳаммонанднашудае, ки дар объекти истеҳсолӣ воқеъ шудаанд, ба истифодаи партовҳо (ҳамчун партов ба тозакунӣ) мансубанд.

66. Тайёр намудани каллапочаҳо, аз ҷумла, обкунии яхнӣ, муоина, шӯстан, тоза намудан ва чандиркунонӣ дар ҷойҳои алоҳида ё дар участкаҳои махсусан ҷудошудаи биноҳои истеҳсолӣ гузаронида мешавад.

67. Истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ аз каллапочаҳо ва хунҳо дар ҳуҷраҳои истеҳсолии махсусгардонидашуда амалӣ карда мешавад. Истеҳсоли чунин маҳсулот дар биноҳо ва дар таҷҳизот оид ба истеҳсоли маҳсулоти ҳасибӣ дар шароити пайдарпайии истеҳсоли онҳо бо амалӣ намудани шустушӯи таҷҳизоти технологӣ ва асбобу анҷомҳо иҷозат дода мешавад.

68. Тайёр намудани пардаи (пӯсти) рӯдаҳо дар ҷойи алоҳида ё дар участкаҳои алоҳидаи деворадор оид ба истеҳсоли маҳсулоти ҳасибӣ бо ҳарорати ҳавои на зиёда аз плюс 12 °С гузаронида мешавад. Подготовка кишечной оболочки производится в отдельном помещении или

69. Тамғаҳои байторӣ ва молшиносӣ ва муҳрҳо, ба истиснои тамғаҳо ва муҳрҳое, ки бо рангкунандаҳои ғизоии барои тамғагузории маҳсулоти забҳӣ бе равонидани (поксозии) минбаъда иҷозатдодашуда сабт карда шудаанд, дур (пок) карда мешаванд.

70. Кордҳое, ки дар вақти раванди технологӣ истифода намешаванд, дар дастгоҳи тамъизкунӣ (стерилизатор) ё дар ҷойи махсусгардонидашуда нигоҳ дошта мешаванд.

71. Маҳсулоти забҳӣ, ки барои резакунӣ ва (ё) намаккунӣ фиристонида мешаванд, бояд дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ ҳарорати на зиёда аз плюс 4 °С дошта бошанд, ба истиснои гӯшти буғдодашуда.

72. Гӯшти резашуда ва каллапочаҳо, тайёр намудани қима ва пур кардани ғилофаҳо (қолиб) дар ҳарорати ҳавои на зиёда аз плюс 12 °С амалӣ карда мешавад.

73. Барои истеҳсоли желатин истифодаи маҳсулоти хоми каллогендор, ки раванди даббоғиро (қоккунии пӯст бо ёрии моддаҳои даббоғии растанигӣ, намакҳои хром ё чунин моддаҳо, ҳамчун намаки алюминий, намаки оҳан

(Ш), намакҳои кислотаҳои силитсий, алдегидҳо ва хинонҳо ё дигар сахткунандаҳои синтетикӣ) гузаштаанд, манъ карда мешавад.

74. Барои коркарди чарбуи обкардашудаи ҳайвонот чарбуи хомро, ки на дертар аз 2 соат баъд аз ҷамъкунии он дар раванди тозакунии дохили нимта коркард шудааст, истифода менамоянд.

75. Нитрити натрий (нитрити калий) танҳо дар шакли омехтаҳои нитритию намакобҳо (намакобию нитритҳо) бо ҳиссаи вазни на зиёда аз 0,9 фоиз нитрити натрий (нитрити калий) қабул карда мешавад. Дар як вақт истифода намудани 2 ва зиёда омехтаҳои нитритию намакобҳо (намакобию нитритҳо) дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гӯштии як номгӯй иҷозат дода намешавад. Истифода намудани омехтаҳои нитритию намакобҳо (намакобию нитритҳо) барои маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, ки дар шакли коркарднашуда ба фурӯш баровarда мешаванд, иҷозат дода намешавад.

76. Тайёр намудани ингредиентҳои ғайригӯштӣ, аз ҷумла баркашӣ ва пешакӣ баркашида печонидан дар биноҳои алоҳида гузаронида мешавад.

77. Додани сӯзишворӣ (аррамайда ва чӯбҳо) ба шуъбаи гармидиҳӣ ба воситаи бинои истеҳсолӣ дар вақти истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ иҷозат дода намешавад.

78. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти ҳасибии гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор ва маҳсулоти гӯштӣ риоя намудани талаботи зерин зарур аст:

а) нигоҳдории гӯшт дар намак дар биноҳо бо ҳарорати ҳавои на зиёда аз плюс 4 °С гузаронида мешавад, ба истисноі дар раванди намакдиҳӣ истифода намудани таҷҳизоти технологӣ бо системаи хунуккунандаи дар дохил сохташуда;

б) тайёр намудани намакобҳо ва баркашида қоғазпечкунонии (тайёркунии) ингредиентҳои ғайригӯштӣ дар ҳаҷме, ки барои таъмини на зиёда аз 1 басти корҳои объекти истеҳсолӣ зарур аст;

в) коркарди ҳарорати маҳсулоти ҳасибӣ ва маҳсулоти гӯштӣ дар таҷҳизоти махсус, ки бо асбобҳо барои санҷиши ҳарорат (аз он ҷумла, дар маркази маҳсулот, ғайр аз маҳсулоти намдору дуддодашуда ва намдору хушккардашуда) намнокии нисбӣ ё танҳо ҳарорат (барои коркарди ҳароратӣ дар об) ҷиҳозонида шудаанд, амалӣ карда мешавад.

79. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти нимтайёри гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор риоя намудани талаботи зерин зарур аст:

а) истеҳсоли маҳсулоти нимтайёри гӯштӣ ва таркибашон гӯштдор, ки барои фурӯш таъин шудаанд, аз ҷумла барои муассисаҳои хӯроки умумӣ бо истифодаи нитрати натрий (нитрати калий) иҷозат дода намешавад;

б)ҷойгиркунии таҷҳизоти зудяхкунонанда барои яхкунонии маҳсулоти нимтайёр дар биноe, ки баркашида печонидан ва бастабандии онҳо амалӣ карда мешавад, иҷозат дода мешавад;

в) ба муомилот баровардани маҳсулоти нимтайёр бо ҳарорати зиёда аз плюс 6 °С дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ иҷозат дода намешавад.

80. Дар ҳолати истеҳсоли консерваҳо риоя намудани талаботи зерин зарур аст:

а) ҳавоногузаронии зарфи истеъмолӣ барои консерваҳо на камтар аз 3 маротиба дар як басти корӣ ва ҳамчунин баъди ҳар як батанзимдарорӣ, таъмир ё иваз намудани қисмҳои таҷҳизот, санҷида мешавад;

б)вақт аз лаҳзаи герметикунонии зарфҳои истеъмолӣ то оғози коркарди ҳароратии консерваҳо бояд аз 30 дақиқа зиёд набошад;

в) давомнокии раванди технологии истеҳсоли консерваҳо аз раванди чандиркунӣ ё резакунии маҳсулоти забҳӣ то тамъиз ё пастеризатсиякунонӣ набояд барои тамъиз аз 2 соат ва барои пастеризатсиякунонии консерваҳо аз 1 соат зиёд бошад, бе ҳисоби вақти раванди намакдиҳӣ;

г) ҳарорати маҳсулоти хоми дампӯхта бо хӯришҳо пеш аз ҷобаҷогузорӣ (аз баркашида қоғазпечкунӣ) дар зарфи истеъмолӣ бояд на камтар аз плюс 40 °С бошад;

д) истеҳсолкунанда коркарди ҳароратии консерваҳоро мутобиқи реҷаи тамъиз ва пастеризатсиякунонӣ, ки бехатарии маҳсулоти тайёрро мутобиқи талаботи тамъизи саноатии дар замимаи Регламенти техникии мазкур муқаррааргардида таъмин менамояд, амалӣ мекунад;

е) мӯҳлати истеъмолии консерваҳо аз тарафи истеҳсолкунанда, бо баҳисобгирии гурӯҳи консерваҳо, хусусиятҳои борҷомаҳои истеъмолии истифодашаванда ва бузургии аз самараи тамъизгардонӣ бадастомада муқаррар карда мешавад;

ж) ҳуҷҷатҳое, ки дорои параметрҳои тамъиз ва пастеризатсиякунонӣ буда, дар паҳнкунандагони маълумотҳо сабт шудаанд, ҳуҷҷатҳои ҳисоботии ҷиддӣ мебошанд ва бояд аз тарафи истеҳсолкунанда дар муддати вақте, ки муҳлати истеъмолии маҳсулотро на камтар аз 3 моҳ зиёд менамояд, ҳифз карда шаванд;

з)давомнокии нигоҳдории консерваҳо дар анбори истеҳсолкунанда, барои муқаррар намудани устуворӣ ва бехатарии микробиологӣ, бояд на камтар аз 11 шабонарӯзро ташкил диҳад.

81. Истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакони то яксола дар объектҳои махсусгардонидашудаи истеҳсолӣ ё дар сехҳои махсусгардонидашуда ё дар хатҳои технологии махсусгардонидашуда амалӣ карда мешавад.

82. Истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакони аз 1сола то сесола, синни томактабӣ ва мактабӣ, метавонад дар объектҳои махсусгардонидашудаи истеҳсолӣ ё дар сехҳои махсусгардонидашуда ё дар хатҳои технологии махсусгардонидашуда, ё дар таҷҳизоти технологӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти гўштии таъиноти умумӣ дар оғози басти корӣ ё дар басти кории алоҳида, баъд аз шўстан ва дезинфексиякунонии онҳо, амалӣ карда шавад.

83. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакон барои кўдакони ҳамаи гурўҳи синнусолӣ, истифодаи фосфатҳо, тақвиятдиҳандаҳои таъм ва бўй, кислотаҳои бензойӣ, сорбинӣ ва намакҳои онҳо ва ҳамчунин иловагиҳои ғизоии маҷмўавӣ, ки дар таркибашон фосфатҳо, тақвиятдиҳандаҳои таъм ва бўй, кислотаҳои бензойӣ, сорбинӣ ва намакҳои онҳо мавҷуданд, иҷозат дода намешавад.

84. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакон барои кўдакони ҳамаи гурўҳи синнусолӣ, истифодаи маҳсулоти хоми хўрокворие (ғизоие), ки дар таркибашон организмҳои ба таври генетикию муҳандисӣ тағйирдодашуда (ГМО) доранд, иҷозат дода намешавад.

85. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакон барои кўдакони ҳамаи гурўҳи синнусолӣ, истифодаи маҳсулоти хоми хўрокворие (ғизоие), ки бо истифодаи пестисидҳои дар Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хўрокворӣ" муқарраршуда, ҳосил шудаанд, иҷозат дода намешавад.

86. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакони синни аз 6 моҳа то 3 сола, истифодаи маҳсулоти хоми хўрокворие (ғизоие), ки номгўяшон дар Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хўрокворӣ" муқаррар шудааст, иҷозат дода намешавад.

87. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакони синни томактабӣ (аз 3 сола то 6 сола) ва синни мактабӣ (аз 6 сола ва аз он боло), истифодаи маҳсулоти хоми хўрокворие (ғизоие), ки номгўяшон дар Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хўрокворӣ" муқаррар шудааст, иҷозат дода намешавад.

88. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакон барои кўдакони ҳамаи гурўҳи синнусолӣ, истифодаи маҳсулоти забҳӣ бо таркиби фосфори умумӣ зиёда аз 0,2 фоиз иҷозат дода намешавад.

89. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакони синни томактабӣ (аз 3 сола то 6 сола) ва синни мактабӣ (аз 6 сола ва аз он боло), истифодаи хуни тару тоза ва яхкунонидашуда, ки аз дигар объектҳои истеҳсолӣ оварда шудаанд, иҷозат дода намешавад.

90. Дар ҳолати истеҳсоли маҳсулоти гўштӣ барои ғизои кўдакон барои кўдакони ҳамаи гурўҳи синнусолӣ, давомнокии нигоҳдории онҳо дар анбори истеҳсолкунанда, барои муқаррар намудани устуворӣ ва бехатарии микробиологӣ, бояд на камтар аз 21 шабонарўзро ташкил диҳад

91. Дар ҳама марҳилаҳои истеҳсоли маҳсулоти нимтайёри қимашудаи гўштӣ (таркибашон гўштдор) барои ғизои кўдакон барои кўдакони синни томактабӣ (аз 3 сола то 6 сола) ва синни мактабӣ (аз 6 сола ва аз он боло) ҳарорати қима набояд аз плюс 3 °С зиёд бошад.

92. Дар ҳолати истеҳсоли консерваҳо барои ғизои кўдакони аз 6 моҳа то 3 сола ҷойгиркунӣ (баркашида печонидан) дар зарфи истеъмолии ғунҷоишаш на зиёда аз 0,25 дм.куб. гузаронида мешавад.

## 10. Талабот ба равандҳои нигаҳдорӣ, интиқол, фурўш ва истифодаи партовҳои маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гўштӣ

93. Истеҳсолкунандагон, фурўшандагон ва шахсоне, ки вазифаҳои истеҳсолкунандаи хориҷии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гўштиро иҷро менамоянд, бояд равандҳои нигоҳдорӣ, интиқол ва фурўшро тавре амалӣ намоянд, ки ин маҳсулот ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои он татбиқ карда мешавад, мутобиқат намоянд.

94. Равандҳои нигоҳдорӣ, интиқол ва фурўши маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гўштӣ бояд ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хўрокворӣ" мутобиқат намоянд.

95. Равандҳои истифодаи партовҳои маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гўштӣ бояд ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бехатарии маҳсулоти хўрокворӣ" мутобиқат намоянд.

96. Маводҳои бо маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гўштӣ муносибатдошта дар раванди нигоҳдорӣ, интиқол ва фурўш бояд ба талаботе, ки ба бехатарии маводҳои бо маҳсулоти хўрокворӣ муносибатдошта пешбинӣ шудаанд, мутобиқат намоянд.

97. Дар раванди нигоҳдорӣ гўштҳои буғдодашуда ва хунуккардашуда (тана, нимта, чоряк) дар ҳолати амудӣ овезон, бе расиши наздик ба ҳамдигар гузошта мешаванд.

98. Дар камераҳои яхдонҳо маҳсулот дар шакли сарҷин дар рафҳо ё зарфҳои дуқабата, ки баландиашон бояд аз фарш на камтар аз 8-10 см бошад, ҷойгир карда мешаванд. Аз деворҳо ва асбобҳои хунуккунанда маҳсулот дар фосилаи на камтар аз 30 см гузошта мешаванд. Байни сарҷинҳо бояд гузаргоҳҳое бошанд, ки дастрасии озодро ба маҳсулот таъмин намоянд.

99. Камераҳои яхдонӣ барои коркарди яхдонӣ ва нигоҳдории маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бо ҳароратсанҷҳо ва (ё) воситҳои назорати автоматики ҳарорат дар камера ва ҳамчунин воситаҳо барои сабт намудани ҳарорат, ҷиҳозонида мешаванд.

100. Дар раванди нигоҳдорӣ маҳсулоти забҳӣ аз рӯи намуд, таъинот (фурӯш ё аз нав коркард намудан (коркард)) ва ҳолати ҳароратӣ (хунуккунӣ, яхкунонӣ) гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

101. Баландшавии ҳарорати ҳаво дар камераҳои яхдонӣ дар раванди нигоҳдории онҳо дар вақти пур намудан ё холӣ намудани маҳсулоти забҳӣ ба ҳадди на зиёда аз 5 °C иҷозат дода мешавад, тағйирёбии ҳарорати ҳаво дар раванди нигоҳдорӣ на бояд аз 2 °C зиёд шавад.

102. Нигоҳдории маҳсулоти хунуккардашуда ва яхкунонидашуда дар биноҳои хунукнакунанда то бор намудан дар воситаҳои нақлиёт ва (ё) контейнерҳо иҷозат дода намешавад.

103. Дар раванди кашонидан тана, нимта ва чоряки онҳо дар ҳолати амудии овезон, ки ба ҳам наздикшавии онҳоро истисно менамояд, интиқол дода мешаванд. Кашонидани тана, нимта ва чоряки онҳо дар ҳолати яхкунонидашуда, дар шакли сарҷин, ки ифлосшавии сатҳи болоии танаҳоро истисно менамояд, иҷозат дода мешавад.

104. Истифода намудани воситаҳои нақлиёт ва контейнерҳо барои кашонидани маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, баъд аздар онҳо кашонидани ҳайвоноти маҳсулдиҳанда иҷозат дода намешавад. Кашонидани ҳайвоноти маҳсулдиҳанда ба объекти истеҳсолӣ бо нақлиёти махсусгардонидашуда ё ба таври махсус таҷҳизонидашуда амалӣ карда мешавад. Воситаҳои нақлиёт ва контейнерҳои барои кашонидани маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ таъингардида, бо воситаҳое, ки барои риоя намудан ва бақайдгирии реҷаи ҳароратии муқарраршуда имконият медиҳанд, ҷиҳозонида мешаванд.

105. Кашонидани маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии бисёр бе истифодаи борҷомаҳои интиқолӣ ва (ё) истеъмолӣ, ба истиснои устухонҳое, ки барои истеҳсоли желатин таъин шудаанд, иҷозат дода намешавад.

106. Баъд аз ба охир расидани брокашонӣ воситаҳои нақлиёт ва контейнерҳо коркарди санитарӣ (дезинфексия) мешаванд.

107. Дар раванди нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯш об намудани маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии яхкунонидашуда иҷозат дода намещавад

108. Дар корхонаҳои савдои чакана ва яклухт такроран дар зери вакуум ё дар шароити атмосфераҳои тағйирдодашуда борҷома намудани маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштие, ки қаблан дар зери вакуум ё дар шароити атмосфераҳои тағйирдодашуда борҷома шудаанд, иҷозат дода намешавад.

## 11. Талабот ба борҷомакунии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ

109. Борҷомакунии (аз ҷумла воситаҳои борҷомакунии) маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бояд ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалаш барои онҳо татбиқ карда мешавад, мутобиқат намояд. 110. Маводҳои бо маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ муносибатдошта бояд бехатарии онҳо ва тағйирнопазирии аломатҳои ҳаммонандкуниро дар ҳолати гардиши (муомилоти) маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми мухлати истеъмолӣ таъмин намоянд.

111. Дар ҳолати ба фурӯш баровардани маҳсулоти аз нав коркардшудаи гӯштӣ ва маҳсулоти гӯштии печониданашуда ва борҷоманагардида, истифодаи борҷомаҳои истеъмолкунанда (харидор), ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар банди 5 (ж) Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, иҷозат дода намешавад.

112. Маҳсулоти гӯштии тайёршаванда (буридашуда) аз тарафи истеҳсолкунанда ё фурӯшанда дар шароите, ки мутобиқтати ин маҳсулотро ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин менамояд, борҷома карда мешаванд.

113. Ҳар як борҷомаи маҳсулоти гӯштӣ бояд тавре тамғагузорӣ шуда бошад, ки мутобиқи боби 12 Регламенти техникии мазкур дорои маълумот барои истеъмолкунанда бошад.

## 12. Талабот ба тамғагузории маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ

114. Тамғагузории маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бояд ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ" ва ҳамчунин талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 114-137 Регламенти техникии мазкур мутобиқат намояд.

115. Барои пешгирӣ намудани амалҳое, ки истеъмолкунандагон (истифодабарандагон)-ро ба иштибоҳ мебаранд:

а)тамғагузорие, ки дорои маълумот оид ба аломатҳои фарққунандаи маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ (масалан, "гӯшти сифати олӣ", "гӯшти мармарӣ", "Ҳалол", "гӯшти кошерӣ"), мебошанд, бояд ба талаботи Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ" мутобиқат намояд.

б) тамғагузории маҳсулоти гӯштии таъиноти умумӣ бо истифодаи номҳои сохта (бофта), ки фикран (ассосиативӣ) ҳамчун маҳсулоти гӯштӣ барои ғизои кӯдакон (масалан, ҳасибчаҳои "Бачагона", ҳасиби "Карапузик", "Крепиш", "Топтижка") қабул карда мешаванд, иҷозат дода намешавад;

в) тамғагузории маҳсулоти гӯштӣ бо истифодаи номҳои сохта (бофта), ки то дараҷаи омехтакунӣ бо номҳои сохтаи маҳсулоти гӯштии мушобеҳ ё бо ҳам монанд, ки стандартҳои байнидавлатӣ (минтақавӣ) муқаррар намудаанд, ба истиснои маҳсулоти гӯштии тибқи ин стандартҳо истеҳсолшуда (масалан, "Докторская", "Любительская", "Московская", "Зернистая", "Молочная"), иҷозат дода намешавад;

г) истифодаи номҳои мақбули умум, ки аз рӯи аломатҳои анатомӣ (масалан, "гӯшти сари сина", "бекон", "гӯшти гардан", "рулька"), расми хос дар бурриш (масалан, "сервелат", "салями", "ветчинная"), намудҳои дар компонентҳои дастурӣ истифодашаванда (масалан, "гӯшти хук", "гӯшти гов", "аз гӯшти хукҳо", "аз гӯшти говҳо") ё дар нуқтаҳои кулинарӣ ва хӯроки умумӣ ба таври васеъ истифодашаванда (масалан, "пастрома", "гӯшти яхнии моҳӣ", "купаты", "бифштекс") номгузорӣ шудаанд, иҷозат дода мешаванд.

116. Дар таркиби тамғагузории маҳсулоти гӯштӣ истифодаи ибораи " аз маҳсулоти хоми хунуккардашуда истеҳсолшуда" ё ибораҳои аз рӯи маъно монанд дар ҳолати истифода ҳангоми тайёр намудани маҳсулоти гӯштӣ бо маҳсулоти забҳии дар дигар ҳолатҳои ҳароратибуда, ғайр аз хунуккунӣ иҷозат дода намешавад.

117. Дар номгӯйи маҳсулоти гӯштӣ бо наздикшавии бевосита аз номгӯ маълумот дар бораи гурӯҳҳо (масалан, "гӯштӣ", "таркибашон гӯштдор", "гӯштию растанигӣ", "растанигию гӯштӣ") ва намудҳои маҳсулоти гӯштӣ (масалан, "маҳсулоти ҳасибӣ", "маҳсулот аз гӯшт", "маҳсулоти нимтайёр", "маҳсулоти ошхонагӣ", "консерваҳо", "маҳсулот аз чарбуи хук", "маҳсулоти хушк", "пиёба") муқаррар ё ҷой дода мешавад.

118. Дар ҳолати истифодаи гӯшти ба таври механикӣ ғелонидашуда ҳангоми тайёр намудани маҳсулоти гӯштӣ маълумот дар бораи он дар таркиби чунин маҳсулот нишон дода мешавад (масалан, "гӯшти ба таври механикӣ ғелонидашуда").

119. Дар тамғагузории маҳсулоти гӯштӣ ҳама гуна роҳҳои иловакунии об (дар шакли ях, намакоб, маҳлул ва ғ.) дар таркиби чунин маҳсулот дарҷ карда мешавад

120. Дар тамғагузории маҳсулоти гӯштӣ дар таркиби чунин маҳсулот набояд номҳои иловагиҳои ғизоии маҷмуавӣ ва ҳамчунин парвардаҳо (очорҳо) ва намакобҳо бе нишондоди компонентҳои ба онҳо дохилшуда, мавҷуд бошанд.

121. Дар тамғагузории маҳсулоти ҳасибӣ ва маҳсулоти гӯштӣ дар таркиби чунин маснуот ва маҳсулот мавҷудияти микробҳои аввалияи микроорганизмҳо, агар дар ҳолати истеҳсоли маснуоти ҳасибӣ ва маҳсулоти гӯштӣ микробҳои аввалияи микроорганизмҳо истифода шуда бошанд, нишон дода мешавад.

122. Дар тамғагузории маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии бо доруҳои ферментӣ коркардшуда, дар таркиби чунин маснуот ва маҳсулот бояд маълумот дар бораи истифодаи ин доруҳо мавҷуд бошад, агар фаъолнокӣ, аз ҷумла боқимондаҳои доруи ферментӣ дар маҳсулоти тайёр ҳифз шаванд.

123. Дар тамғагузории маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии дар зери вакуум ё дар шароити атмосфераҳои тағйирдодашуда борҷомашуда, бояд маълумоти дахлдор (масалан, "дар зери вакуум борҷома шудааст", "дар атмосфераи тағйирдодашуда борҷома шудааст") мавҷуд бошад.

124. Дар ҳолате ки агар истеҳсолкунандаи маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, ки барои фурӯш ба корхонаҳои савдои чакана ва яклухт дохил мешавад, борҷомакунии минбаъдаи онҳоро дар раванди фурӯш дар борҷомаҳои истеъмолӣ бо тағйир додани миқдори онҳо ва (ё) намуди борҷомаи онҳо ба назар гирад, дар ин маврид дар тамғагузории чунин маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бояд маълумот дар бораи мӯҳлати истеъмолӣ то кушодани борҷома ва баъд аз кушодани борҷома (вайронкунии яклухтии он) мавҷуд бошад, вале дар ҳадди мӯҳлати истеъмолии умумӣ.

125. Дар ҳолати мавҷуд набудани чунин маълумот дар тамғагузории маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ тағйир додани миқдори онҳо ва (ё) намуди борҷомаи маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, ки барои фурӯш ба корхонаҳои савдои чакана ва яклухт дохил мешаванд, иҷозат дода намешавад.

126. Дар тамғагузории маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, ки дар раванди фурӯш бо тағйир додани миқдор ва (ё) намуди борҷомаҳо бастабандӣ шудаанд, иловатан бояд маълумот дар бораи санаи борҷомакунии онҳо ва мӯҳлати истеъмолӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ бо иштироки истеъмолкунанда дар муассисаҳои савдои чакана ва яклухт борҷома карда мешаванд, нишон дода шавад.

127. Тамғагузории гӯшт дар тана, нимта, чоряк ва буридаҳо бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) бевосита дар тана, нимта ва чоряк нақши тамғаи байторӣ мутобиқи талаботе, ки санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ дар соҳаи байторӣ муқаррар намудаанд, гузошта мешавад;

б) бевосита дар тана, нимта ва чоряк иловатан гузоштани нақши тамғаи молшиносӣ иҷозат дода мешавад;

в) дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии мол дар маҳсулоти забҳии борҷоманашуда маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

- намуди гӯшти ҳайвоноти маҳсулдиҳандае, ки аз онҳо маҳсулоти забҳӣ гирифта шудаанд, номгӯи маҳсулоти забҳӣ, ҳолати ҳароратии тана, нимта, чоряк ва буридаҳо ("хунуккардашуда", "яххунонидашуда"), қисми анатомии нимтаҳо (барои буридаҳо);

- номгӯй ва ҷойи воқеъшавии истеҳсолкунандаи маҳсулоти забҳӣ; - миқдори маҳсулоти забҳӣ;

- санаи истеҳсол, мӯҳлати истеъмолӣ ва шароити нигоҳдории маҳсулоти забҳӣ.

128. Дар ҳолати мавҷудияти борҷомаҳои интиқолӣ ва (ё) истеъмолӣ - маълумоти дар боло зикргардида дар тамғагузорӣ ва (ё) ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии мол нишон дода мешаванд.

129. Тамғагузории каллапочаҳо бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) дар борҷомаҳои интиқолӣ нақши тамғаи байторӣ мутобиқи талаботе, ки санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ дар соҳаи байторӣ муқаррар намудаанд, гузошта мешавад;

б) дар тамғагузорӣ маълумот дар бораи ҳолати ҳароратӣ (масалан, "хунуккардашуда", "яхкунонидашуда"), номгӯйи каллапочаҳо ва намуди ҳайвоноти маҳсулдиҳандае, ки аз онҳо маҳсулоти забҳӣ гирифта шудааст, нишон дода мешавад;

в) дар тамғагузорӣ (дар ҳолати мавҷудият) маълумот дар бораи категорияи каллапочаҳо (масалан, "ҷигари говии хунуккардашудаи категорияи 1") нишон дода мешавад.

130. Тамғагузории блокҳои яхкунонидашудаи гӯштӣ ва каллапочаҳо бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) дар борҷомаҳои интиқолӣ нақши тамғаи байторӣ мутобиқи талаботе, ки санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ дар соҳаи байторӣ муқаррар намудаанд, гузошта мешавад;

б) дар тамғагузорӣ маълумот дар бораи номгӯйи каллапочаҳо, намуди гӯшт ва каллапочаи ҳайвоноти маҳсулдиҳандае, ки аз онҳо маҳсулоти забҳӣ гирифта шудааст ва ҳамчунин маълумот дар бораи ҳиссаи вазни бофтаҳои пайвасткунанда ва чарбуӣ (барои гӯшти чандиршуда) нишон дода мешавад; в)дар тамғагузорӣ (дар ҳолати мавҷудият) маълумот дар бораи категорияи каллапочаҳо (масалан, "блоки яхкунонидашуда аз ҷигари говии категорияи 1") нишон дода мешавад.

131. Тамғагузории маҳсулоти нимтайёр ва маҳсулоти ошхонагӣ бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) дар тамғагузорӣ маълумот дар бораи гурӯҳи маҳсулоти гӯштӣ ("гӯштӣ", "бо таркиби гӯштӣ"), намуди маҳсулоти гӯштӣ ("маҳсулоти нимтайёр", "маҳсулоти ошхонагӣ"), намуди маҳсулоти нимтайёр ва маҳсулоти ошхонагӣ ("резашуда", "дар хамир", "қимакунонидашуда", "қима", "ба қолибдаровардашуда" , "порчапорчаи калон", "бо орд ҷӯлонидашуда", "порча-порчаи хурд") ва ҳамчунин маълумот дар бораи ҳолати ҳароратӣ ("хунуккардашуда"барои маҳсулоти нимтайёр бо ҳарорати аз минус 1,5 °С то плюс 6 °С дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ, "яхкунонидашуда" - барои маҳсулоти нимтайёр ва маснуоти ошхонагӣ бо ҳарорати на зиёда аз минус 8 °С дар ҳар як нуқтаи ченкунӣ) нишон дода мешавад;

б) дар ҳолати тайёр намудани маҳсулоти хунуккунонидашуда аз маҳсулоти забҳии яхкунонидашуда, маълумот дар ин бора дар тамғагузории чунин маҳсулот нишон дода мешавад (масалан, "аз маҳсулоти хоми яхкунонидашуда тайёр шудааст");

в) дар тамғагузорӣ (дар ҳолати мавҷудият) маълумот дар бораи категорияи маҳсулоти нимтайёр нишон дода мешавад;

г) дар тамғагузорӣ иловатан мумкин аст маълумот дар бораи маҳсулоти нимтайёр ва маҳсулоти ошхонагӣ нишон дода шавад (масалан, "дар орд ҷӯлонидашуда", "бо хӯриши таом", "бе хӯриш", "бо чалпакчаҳо", "тушбераҳо", "мантуҳо").

132. Тамғагузории маҳсулоти ҳасибӣ, маҳсулот аз гӯшт ва маҳсулот аз чарбуи хук бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) дар тамғагузорӣ маълумот дар бораи гурӯҳи маҳсулоти гӯштӣ ("гӯштӣ", "бо таркиби гӯштӣ", "гӯштию растанигӣ", "растанигию гӯштӣ"), намуди маҳсулоти гӯштӣ ("маҳсулоти ҳасибӣ", "маҳсулот аз гӯшт", "маҳсулот аз чарбуи хук"), усулҳои коркарди технологӣ ("пухташуда", "дуддодашуда", "нимдуддодашуда", "пухташудаю дуддодашуда", "намдору дуддодашуда", "намдору ғелонидашуда", "дар дохил пухташуда", "дуддодашуда-дар дохил пухташуда", "ҷӯшонидашуда-дар дохил пухташуда", "бирёншуда", "намаккардашуда") нишон дода мешавад;

б) дар тамғагузории маҳсулоти яхкунонидашуда маълумот дар бораи ҳолати ҳароратӣ ("яхкунонидашуда") нишон дода мешавад;

в) дар тамғагузорӣ (дар ҳолати мавҷудият) маълумот дар бораи категория ё навъи маҳсулоти ҳасибӣ, маҳсулот аз гӯшт ва маҳсулот аз чарбуи хук нишон дода мешавад;

г) дар тамғагузорӣ иловатан мумкин аст маълумот дар бораи маҳсулоти ҳасибӣ нишон дода шавад (масалан, "ҳасиб", "ҳасибҳо", "ҳасибчаҳо", "сарделка", "ҳасибчаҳо бо равғани хук", "нони ҳасибӣ").

д) дар тамғагузорӣ иловатан мумкин аст маълумот дар бораи маҳсулоти гӯштӣ бо назардошти аломатҳои анатомӣ нишон дода шавад (масалан, "гӯшти қафаси сина", "бекон (гӯшти дуддодашудаи хук)", "гардана", "лӯла")

133. Тамғагузории консерваҳо бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) дар тамғагузорӣ маълумот дар бораи гурӯҳи маҳсулоти гӯштӣ ("гӯштӣ", "бо таркиби гӯштӣ", "гӯштию растанигӣ", "растанигию гӯштӣ"), намуди маҳсулоти гӯштӣ ("консерваҳо") ва усулҳои коркарди технологӣ "тамъизшуда", "пастеризатсияшуда") нишон дода мешавад;

б) дар тамғагузорӣ маълумот дар бораи намудҳои консерваҳо ("порча-порча", "резашуда", "қимагӣ", "паштетӣ", "ветчинавӣ (гӯшти намаккардаи хук");

в) дар тамғагузорӣ (дар ҳолати мавҷудият) маълумот дар бораи навъи консерваҳо нишон дода мешавад;

г)дар ҳолати имконнопазир будани тамғагузорӣ дар борҷомаҳои истеъмолӣ бо тавре ки нигоҳдорӣ ва хондашавии маълумотро то охири мӯҳлати истеъмолӣ таъмин менамояд (литография, флексография ё дигар усулҳои чопи офсетӣ), маълумот дар бораи санаи истеҳсоли консерваҳо бо рақами ассортиментӣ (дар ҳолати мавҷуд будан) дар сарпӯш, таг ё тамғакоғази борҷомаи истеъмолӣ гузошта мешавад.

134. Тамғагузории маҳсулоти хушк ва пиёбаҳо бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) дар тамғагузории маҳсулоти хушк маълумот дар бораи гурӯҳи маҳсулоти гӯштӣ ("гӯштӣ", "бо таркиби гӯштӣ", "гӯштию растанигӣ", "растанигию гӯштӣ") ва намуди маҳсулоти гӯштӣ ("маҳсулоти хушк") нишон дода мешавад;

б) дар тамғагузории пиёбаҳо маълумот дар бораи гурӯҳи маҳсулоти гӯштӣ ("гӯштӣ"), усулҳои коркарди технологӣ ("хушк", "консервкунонидашуда", "моеъ") ва намуди маҳсулоти гӯштӣ ("пиёба") (масалан, "пиёбаи гӯштии консентронидашуда") нишон дода мешавад;

135. Тамғагузории чарбуи обкардашудаи ҳайвонот бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) дар тамғагузорӣ маълумот дар бораи намуди ҳайвоноти маҳсулдиҳанда (масалан, "чарбуи обкардашудаи хук", "чабуи обкардашудаи гов) нишон дода мешавад;

б) дар тамғагузории маҳсулоти яхкунонидашуда маълумот дар бораи ҳолати ҳароратӣ ("яхкунонидашуда") нишон дода мешавад.

136. Тамғагузории желатин бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-121 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд, мутобиқат намояд ва ҳамчунин дар тамғагузории желатин маълумот дар бораи тамғаи (навъи) желатин (дар ҳолати мавҷудият) нишон дода мешавад.

137. Тамғагузории маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ барои ғизои кӯдакон бояд ба талаботе, ки дар бандҳои 114-136 Регламенти техникии мазкур муқаррар шудаанд ва ҳамчунин ба талаботи зерин мутобиқат намоянд:

а) дар тамғагузорӣ маълумоте, ки таъиноти ин маҳсулотро барои ғизои кӯдакон инъикос менамояд ("барои кӯдакони синни хурдсол", "барои кӯдакони синни томактабӣ", "барои кӯдакони синни мактабӣ") нишон дода мешавад, ё дорои нишондод барои синни мушаххаси кӯдак, ки аз рӯи он имконияти истифодаи ин маҳсулот оғоз мешавад, мебошанд (масалан, "барои ғизои кӯдакони аз 6 сола");

б) дар тамғагузории маҳсулоти гӯштӣ барои ғизои кӯдакон маълумот дар бораи мӯҳлати истеъмолӣ ва шароити нигоҳдорӣ баъд аз вайроншавии яклухтии борҷомаи истеъмолӣ нишон дода мешавад;

в) дар тамғагузорӣ (дар ҳолати мавҷудият) маълумот дар бораи дараҷаи маҳсулоти гӯштӣ нишон дода мешавад;

г) дар тамғагузории маҳсулоти гӯштӣ барои кӯдакони то яксола маълумот дар бораи синни кӯдак (бо моҳҳо), ки аз рӯи он дохил намудани ин маҳсулот ба вояи хӯрокии кӯдак иҷозат дода мешавад, дар бораи андозаи резашавии маҳсулоти мазкур (масалан, "гомогенизатсияшуда", "пюремонанд", "калонрезашуда") ва ҳамчунин тавсияҳо оид ба истеъмоли он нишон дода мешавад.

## 13. Таъмини мутобиқат ба талаботи бехатарӣ

138. Мутобиқати маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ ба Регламенти техникии мазкур бо иҷрои талаботи он ва ҳамчунин талаботи дигар Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, таъмин мегардад.

139. Усулҳои ташхис (санҷиш) ва ченкунӣ бо стандартҳо мутобиқи феҳристи стандартҳое, ки дорои қоида ва методҳои ташхис (санҷиш) ва ченкунӣ мебошанд, аз ҷумла қоидаи интихоби намунаҳое, ки барои истифода ва иҷроиши талаботи Регламенти техникии мазкур ва ҳамчунин амалӣ намудани баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати маҳсулот заруранд, муқаррар карда мешаванд.

## 14. Баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ

140. Маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешаванд, тибқи талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур, дар шакли сертификаткунонии ҳатмӣ ба тасдиқи мутобиқат мансубанд.

141. Сертификаткунонии ҳатмии маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ аз тарафи мақоми сертификаткунонӣ, ки доираи аккредитатсияаш ба маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ татбиқ карда мешавад, дар асоси шартнома ва (ё) дархости байни дархостдиҳанда ва мақоми сертификаткунонӣ амалӣ карда мешавад.

142. Дархостдиҳанда ӯҳдадор аст мутобиқати маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштиро ба талаботе, ки Регламенти техникии мазкур муқаррар намудааст, таъмин намояд.

143. Тасдиқи мутобиқати маҳсулот аз тарафи воридкунанда дар шакли сертификаткунонии ҳатмӣ дар асоси далелҳое, ки бо ҷалби озмоишгоҳҳои аккредитатсияшуда гирифта шудаанд, амалӣ карда мешавад.

144. Баҳодиҳӣ (тасдиқи) мутобиқат нисбати маҳсулоти зерин амалӣ карда мешавад:

- маҳсулоте, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешавад - дар шакли сертификатсияи ҳатмӣ;

- маҳсулоте, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муомилот мебошанд - дар шакли санҷиши (назорати) давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техники мазкур.

145. Дар ҳолати тасдиқи ҳатмии мутобиқат дархостдиҳанда ҳамчун истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ба ҳисоб меравад.

146. Нисбати маҳсулоте, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, тасдиқи мутобиқати ҳатмӣ аз тарафи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда воридкунанда, фурӯшанда) дар қисми зерин амалӣ карда мешавад:

- таъмини мутобиқати маҳсулоти воридшуда ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин намояд;

- ҷавобгарӣ барои номутобиқатии маҳсулоти воридшуда ба талаботи Регламенти техникии мазкур.

147. Тасдиқи ҳатмии мутобиқати ҳар як партияи маҳсулот ба таври алоҳида гузаронида мешавад.

148. Ҳангоми тасдиқи мутобиқати ҳатмии маҳсулот тибқи Регламенти техникии мазкур истеҳсолкунанда ӯҳдадор аст:

- назорати истеҳсолиро ба роҳ монад ва барои он ки раванди истеҳсолот мутобиқати маҳсулотро ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин намояд, чораҳои зарурӣ андешад;

- санҷиши пешакии ҳар як партияи маҳсулотро дар озмоишгоҳи истеҳсолӣ барои назорати дохилӣ ҷиҳати мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур тибқи усулҳое, ки стандартҳои бо Регламенти техникии мазкур алоқаманд, муқаррар намудаанд гузаронад.

149. Сертификаткунонии ҳатмии партияҳои маҳсулоте, ки ба муомилот бароварда мешаванд, мутобиқи тартиби муқарраршуда гузаронида мешавад.

150. Тартиби амалӣ намудани сертификаткунонии ҳатмии маҳсул амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- пешниҳоди дархост;

- гирифтани намуна ва идентификатсияи маҳсулот;

- гузаронидани ташхиси намунаи маҳсулот дар озмоишгоҳҳои мустақили аккредитатсияшуда;

- ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ташхис ва қарор қабул намудан дар бораи ба дархостдиҳанда додани (дар бораи рад намудани) сертификати мутобиқат;

- амалӣ намудани назорати инспексиони маҳсулоти сертификатшуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаронидани тадбирҳои ислоҳотӣ дар ҳолати номутобиқатии маҳсулот ба талаботи муқарраршуда ва истифодаи нодурусти нишони мутобиқати регламентҳои техникӣ

## 15. Тамғагузорӣ бо нишони мутобиқати регламенти техникӣ ба маҳсулот

151. Тамғагузорӣ бо нишони мутобиқати маҳсулот дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ба муомилот баровардани маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ амалӣ карда мешавад.

152. Маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштие, ки баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқатро тибқи талаботи Регламенти техникии мазкур ва Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ карда мешавад, гузаштаанд, бояд бо нишони мутобиқати Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамғагузорӣ шаванд.

153. Тамғагузорӣ бо нишони мутобиқати маҳсулот дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии борҷоманашуда дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии мол гузошта мешавад.

154. Тамғагузорӣ бо нишони мутобиқати Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштии бевосита дар борҷомаҳои интиқолӣ ҷойгиркардашуда, дар борҷомаҳои интиқолӣ ва (ё) дар тамғакоғаз ва (ё) дар варақаи замима, ки дар ҳар як борҷомаи интиқолӣ ҷой дода шудаанд ё ба ҳар як борҷомаи интиқолӣ ҳамроҳ карда шудаанд, ё ин ки дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳии мол нишон дода мешавад.

## 16. Санҷиши (назорати ) давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур

155. Назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур вобаста ба маҳсулоти забҳӣ ва маҳсулоти гӯштӣ ва бо равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯши он алоқаманд, аз тарафи мақомотҳои ваколатдор тибқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 17. Муқаррароти хотимавӣ

156. Сертификатҳои мутобиқати гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, ки то рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Регламенти техникии мазкур дода шудаанд, то ба охир расидани мӯҳлати амалашон эътибор доранд.

157. Ба гӯшт ва маҳсулоти гӯштии то рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Регламенти техникии мазкур дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардашуда, талаботе, ки то рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Регламенти техникии мазкур амал мекунанд, татбиқ карда мешавад.

158. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накрдани талаботи Регламенти техникии мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## 18. Тартиби мавриди амал қарор гирифтани Регламенти техникии мазкур

159. Регламенти техникии мазкур баъд аз гузаштани шаш моҳ аз рӯзи тасдиқи он, мавриди амал қарор дода мешавад.

Замимаи 1

Замимаи 2

Замимаи 3

Замимаи 4

Замимаи 5

Замимаи 1

ба Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ»

# МЕЪЁРҲОИ МИКРОБИОЛОГИИ
Бехатарии маҳсулоти забҳшуда ва маҳсулоти гӯштӣ

| **Номи маҳсулот** | **Нишондиҳандаҳо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| **I. Гӯшти навкӯшт (буғдодашуда), хунуккардашуда ва яхкунонидашуда. Маҳсулоти нимтайёри хунуккардашуда ва яхкунонидашуда (ҳамаи намуди ҳайвоноти маҳсулдиҳанда)** | | | |
| **1. Гӯшти навкӯшт (буғдодашуда), хунуккардашуда:** | | | |
| а) Гӯшти буғдодашудаи тана, нимта, чоряк, буридаҳо (порчаҳо) | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз | 10 | |
| | Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 1 г | иҷозат дода намешавад | |

| **Номи маҳсулот** | **Нишондиҳандаҳо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| б) Гўшти буғдодашудаи тана, нимта, чоряк, буридаҳо (порчаҳо) барои ғизои кўдакон | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурўҳҳои микробҳои чўбчашакли рўдаҳо (колиформҳо) дар 1 г | 10<br>иҷозат дода намешавад | |
| в) Гўшти хунуккардашудаи тана, нимта, чоряк, буридаҳо (порчаҳо) | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурўҳҳои микробҳои чўбчашакли рўдаҳо (колиформҳо) дар 0,1 г<br>Бактерияҳои ҷинси Proteus дар 0,1 г | $1 \times 10^3$<br>иҷозат дода намешавад<br>иҷозат дода намешавад | Барои маҳсулот бо муҳлати истеъмолии зиёда аз 7 шабонарўз |
| г) Гўшти хунуккардашудаи тана, нимта, чоряк, буридаҳо (порчаҳо) барои ғизои кўдакон | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурўҳҳои микробҳои чўбчашакли рўдаҳо (колиформҳо) дар 0,1 г | $1 \times 10^3$<br>иҷозат дода намешавад<br>иҷозат дода намешавад | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Бактерияҳои ҷинси Proteus дар 1 г | | |
| **Номи маҳсулот** | **Нишондиҳандаҳо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз** | **Эзоҳ** |
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| д)порчаҳои хунуккардашуда, ки дар зери зарфи сарбаста (вакуум) ё дар атмосфераи гази тағйирдодашуда бастабандӣ шудаанд | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,01 г<br>хамирмоя, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>клостридияҳои тахфифкунандаи сулфит дар 0,01 г | $1 \times 10^4$<br>иҷозат дода намешавад<br>$1 \times 10^3$<br>иҷозат дода намешавад | |
| **2. Гӯшти яхкунонидашуда:** | | | |
| а) дар тана, нимта, чоряк, буридаҳо (порчаҳо) | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,01 г | $1 \times 10^4$<br>иҷозат дода намешавад | |

| **Номи махсулот** | **Нишондиҳандаҳо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| б) дар нимта ва буридаҳо (порчаҳо) барои ғизои кӯдакон | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз | $1 \times 10^4$ | |
| в) блокҳо аз гӯшт | Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,01 г<br>Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,01 г | иҷозат дода намешавад<br>$1 \times 10^5$<br>иҷозат дода намешавад | |
| г) блокҳо барои ғизои кӯдакон | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,001 г | $1 \times 10^5$<br>иҷозат дода намешавад | |
| д) гӯшти забҳи механикӣ | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва | $5 \times 10^6$ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,0001 г | (намунатайёркунӣ бе фламбиркунонии сатҳи болоӣ)<br>иҷозат дода намешавад (намунатайёркунӣ бе фламбиркунонии сатҳи болоӣ) | |
| **Номи маҳсулот** | **Нишондиҳандаҳо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз** | **Эзоҳ** |
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| **3. Маҳсулоти нимтайёри гӯштӣ барои ғизои бачаҳои синни томактабӣ ва мактабӣ** | | | |
| | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,01 г<br>S. aureus дар 0,1 г<br>мағор, КОЕ*/г, на зиёда аз | $5 \times 10^5$<br>$1 \times 10^5$<br>иҷозат дода намешавад<br>иҷозат дода намешавад<br>250 | Барои маҳсулоти нимтайёри қимашуда<br>Барои маҳсулоти нимтайёри қимашуда<br>барои маҳсулоти нимтайёри дар орд ғелонидашуда |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **4. Маҳсулоти нимтайёри гӯштии (таркибашон гӯштдори) беустухон (хунуккардашуда, яхкунонидашуда), аз ҷумла, парварда:** | | | |
| а)порча-порчаи калон | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br><br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,01 г | $5 \times 10^5$<br><br>иҷозат дода намешавад | |
| **оми маҳсулот** | **Нишондиҳандаҳо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз** | **Эзоҳ** |
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| б) порча-порчаи хурд | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br><br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,001 г | $5 \times 10^6$<br><br>иҷозат дода намешавад | |
| **5. Маҳсулоти нимтайёри гӯштии (таркибашон гӯштдори) қимашуда (хунуккардашуда, яхкунонидашуда);** | | | |
| а) ба қолаб гирифташуда, аз ҷумла дар орд ҷӯлонидашуда | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br><br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,0001 г | $5 \times 10^6$<br><br>иҷозат дода намешавад<br><br>500 | Барои маҳсулоти нимтайёр бо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мағор, КОЕ*/г, на зиёда аз | | муҳлати истеъмолии зиёда аз 1 моҳ |
| б) дар рӯйпуши хамирӣ, қимашуда | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br><br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,0001 г мағор, КОЕ*/г, на зиёда аз | 2 x 106<br><br>иҷозат дода намешавад<br>500 | Барои маҳсулоти нимтайёр бо муҳлати истеъмолии зиёда аз 1 моҳ |
| **Номи маҳсулот** | **Нишондиҳандаҳо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз** | **Эзоҳ** |
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| в) гӯшти қима | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br><br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,0001 г | $5 \times 10^6$<br><br>иҷозат дода намешавад | |
| **6. Маҳсулоти нимтайёри гӯшти устухондор (порчавии калон, ҳиссавӣ, порчавии хурд)** | | | |
| | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br><br>Бактерияҳои гурӯҳҳои | $5 \times 10^6$<br><br>иҷозат дода намешавад | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,0001 г | | |
| **II. Каллапочаҳои хунуккардашуда ва яхкунонидашуда. Хун ва маҳсулоти аз нав коркардшудаи он (ҳама намуди ҳайвоноти маҳсулдиҳанда)** | | | |
| **7. Хуни ғизоӣ** | | | |
| | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br><br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,1 г<br><br>клостридияҳои тахфифкунандаи сулфит дар 1 г<br><br>S. aureus дар 1 г | 5 x $10^6$<br><br>иҷозат дода намешавад<br><br>иҷозат дода намешавад<br><br>иҷозат дода намешавад | |

| Номи маҳсулот | Нишондиҳандаҳо | Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| **8. Хуни ғизоии хушк барои ғизои кӯдакон** | | | |
| | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз | 2,5x$10^4$<br><br>иҷозат дода намешавад | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 1 г<br><br>S. aureus дар 1 г | иҷозат дода намешавад | |
| **9. Маҳсулоти аз нав коркардшудаи хун:** | | | |
| а) албумини ғизоӣ | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,1 г<br><br>клостридияҳои тахфифкунандаи сулфит дар 1 г<br>S. aureus дар 1 г<br>Бактерияҳои ҷинси Proteus дар 1 г | $2,5x10^4$<br><br>иҷозат дода намешавад<br><br>иҷозат дода намешавад<br>иҷозат дода намешавад<br>иҷозат дода намешавад | |
| б)консентрати хушки плазмаи (зардоби) хун | Миқдори микроорганизмҳои мезофилии аэробиҳо ва факултативӣ-анаэробиҳо, КОЕ*/г, на зиёда аз<br>Бактерияҳои гурӯҳҳои микробҳои чӯбчашакли рӯдаҳо (колиформҳо) дар 0,1 г<br>клостридияҳои тахфифкунандаи сулфит дар 1 г | $5 x 10^4$<br><br>иҷозат дода намешавад<br>иҷозат дода намешавад | |
| **Номи маҳсулот** | **Нишондиҳандаҳо** | **Сатҳи иҷозатдодашуда, на зиёда аз** | **Эзоҳ** |

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| **III. Маҳсулоти ҳасибии гӯштӣ (таркибашон гӯштдор). Маҳсулоти гӯштӣ (таркибашон гӯштдор). Маҳсулоти ошхонагии гӯштии (таркибашон гӯштдор) яхкунонидашуда (ҳамаи намудҳои ҳайвоноти махсулдиҳанда)** | | | |
